МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ
ТОҶИКИСТОН БА НОМИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА»

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 07:659. 148.4 (575.3)

**ҲАКИМЗОДА РАҲИМ КАРИМ**

# ТАҲАВВУЛИ ЖАНРИ РЕПОРТАЖ ДАР ТЕЛЕВИЗИОН
# (дар мисоли ТВ «ҶАҲОННАМО» ва ТВ «ДУШАНБЕ»)

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии номзади илми филология аз рӯйи
ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ

Душанбе – 2023

**Кори диссертатсионӣ дар кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи телевизион ва радиои Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ба анҷом расидааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода,**
номзади илми филология, дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Муллоев Шариф Боқиевич,**
доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»

**Раҳимҷон Хушдил,**
номзади илми филология, сармуҳаррири Муассисаи давлатии маҷаллаи «Илм ва ҳаёт»

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Ҳимояи диссертатсия «21» сентябри соли 2023, соати 13:00 дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суроға: шаҳри Душанбе, Буни Ҳисорак, бинои таълимии №10, толорои шурои олимони факултети филология) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва тавассути сомонаи www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ___________ соли 2023 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори илми филология** **Сироҷиддини Эмомалӣ**

# МУҚАДДИМА

Кори диссертатсионӣ ба таҳқиқи таҳаввули жанри репортаж дар телевизионҳои «Ҷаҳоннамо» ва «Душанбе» бахшида шудааст.

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқ.** Дар низоми васоити ахбори омма бо вуҷуди пешрафти чашмгири журналистикаи интернетӣ шабакаҳои телевизионӣ як манбаи муҳим ва дастрас барои шаҳрвандон боқӣ мемонанд. Аз ин рӯ, омӯзишу пажӯҳиши шохаҳои гуногуни он дар шароити кунунӣ зарур дониста мешавад. Нақши ВАО, хосса телевизион дар таҳкими пояҳои давлат, рушди бахшҳои гуногуни ҷомеа, ташаккули афкори омма, таҳлилу баррасии мушкилоти ҷомеа, инъикоси васеи дастовардҳои сохтору мақомот ва сокинони мамлакат назаррас аст. Омӯзиши илмии ин мавзуъ ва пешниҳоди хулосаҳои зарурӣ барои беҳгардонии фаъолият заминаи мусоид фароҳам меорад.

Телевизион қисми ҷудонопазири ҳаёти мо ё институти ҳаёти иҷтимоӣ аст. Кишвари мо давлати иҷтимоӣ эълон гардида, уҳдадор шудааст, ки барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам оварад. Дар асоси принсипи иҷтимоӣ будани давлат муносибати нави шаҳрванд ва давлат ба миён омадааст, ки ҳадафи он зина ба зина баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар мебошад. Зимнан, дар ин масъала бояд аз хизмати мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсус ёдовар шавем.

Ҳалли тадриҷии масъалаҳои ҳаёти иҷтимоии кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии давлат аст. Дар ин замина, ҷиҳати инъикоси саривақтӣ ва таъсирноки ин ҳадаф телевизион нақши бағоят муҳим дорад.

Кор дар телевизион дар қиёс бо дигар расонаҳо хусусияти дастаҷамъӣ ё худ коллективӣ дорад. Телевизион на танҳо идораи эҷодӣ, балки фаъолияти техникӣ низ аст. Чунин омил замина гаштааст, ки бештар корҳои пажӯҳишӣ дақиқан ба як бахши фаъолияти телевизион марбут шаванд.

Репортаж яке аз жанрҳои асосии журналистикаи телевизион маҳсуб мешавад. Метавон гуфт, ки таърихи журналистикаи телевизион раванди ташаккул, инкишоф ва шаклгирии репортаж аст.

Дар аксарияти шабакаҳои телевизионии ҷаҳон барномаи асосие, ки дар вақту соати муайян, бо фарогирии мавзуъҳои гуногун омода ва пахш мегардад, ахбор аст. Барномаи «Ахбор»-и телевизиони «Тоҷикистон» зиёда аз 60 сол мешавад, ки дар вақти муайян - соати 20:30 пешниҳод мегардад. Барномаи «Навид»-и телевизиони «Сафина» аз замони таъсисёбӣ то ҳол соати 20:00 пахш мегардад. Дар дигар шабакаҳои телевизионӣ низ чунин меъёр хос аст.

Телевизионҳои Тоҷикистон бо назардошти имконияти мавҷуда бинандаро бо иттилооту маълумот таъмин менамоянд, вале ҳанӯз дар самти стандарти навор, гуногунрангии он, тарзи омодасозии ахбор ва риояи талаботи жанрҳо ҳамчун омили ҷолибияти барнома камбудиҳо ба назар мерасад.

Риояи талаботи жанрӣ ва корбурди нишондоди он барои хабарнигорон муҳим аст, ки мутаассифона дар, шароити феълӣ ба таври амиқ он ба назар гирифта намешавад.

Таҳқиқи як жанр дар телевизион ва дар заминаи он муайян намудани мушкилоту дастоварди рӯзноманигорон боис мегардад, ки дар оянда, бо

истифодаи тавсияҳои ироашуда, кори ин бахш вусъат бахшида шавад. Репортаж дар низоми барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионӣ маъмултарин жанр маҳсуб ёфта, пажӯҳиши амиқи он ба таври ҷудогона сурат нагирифтааст.

Таҳқиқ маълум намуд, ки ҳангоми омода намудани репортажҳои телевизионӣ хабарнигорон ба камбудиҳои зиёд роҳ медиҳанд ва он барои дар сатҳи хуб омода нашудани нашрҳои хабарӣ замина мегузорад. Дар интихоби мавзуъ, роҳу усулҳои пешниҳоди матлаб, шакли сабт ва тартиби воқеаву рӯйдодҳо, танзим ва сари вақт расонидани репортажҳо, истифодаи жанрҳои гуногун ва амсоли ин хабарнигорон ба навоварии эҷодӣ ва фаъолмандии бештару касбияти баланд ниёз доранд.

Дар диссертатсия талош шудааст, ки истифодаи жанри репортажро дар идораҳои ахбори ду телевизион – Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» ва Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе» бо мисолҳои мушаххас нишон дода, бароиислоҳи норасоиҳои ҷойдошта пешниҳодҳо ироа гарданд.

Дар ин ду шабакаи телевизионӣ пешравӣ ва касбияти хоссаи хабарнигорон ҳангоми омода намудани барномаҳои хабарӣ низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Ин ва дигар омилҳо аз мубрам будани мавзуи таҳқиқ дарак медиҳанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Мавзӯи таҳқиқ дар илми журналистикаи тоҷик нисбатан нав мебошад. Доир ба баррасии мавқеи репортаж дар барномаҳои иттилоотӣ пажӯҳиши илмии диссертатсионӣ ба вуҷуд наомада бошад ҳам, табиати жанр дар китобу воситаҳои таълимӣ мушаххас гардидааст.

Дар кори диссертатсионӣ ба адабиёти зиёди илмиву таълимӣ ва санадҳои ҳуқуқию меъёрии соҳаи журналистикаи телевизион такя карда шуд.

Адабиёти мавҷударо метавон ба 5 гурӯҳ тақсим намуд: санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ дар Тоҷикистон; дуюм – адабиёти марбут ба соҳа; сеюм – корҳои илмию таҳқиқотии муҳаққиқони соҳаи телевизион; чаҳорум – адабиёти марбут ба матбуоти даврӣ ва жанрҳои журналистикаи телевизион ва панҷум – манбаъ ва сарчашмаҳои иловагӣ.

Яке аз васоити муҳим дар мавзӯи таҳқиқ китоби муҳаққиқон Асадулло Саъдуллоев ва Маҳмудхон Шоев мебошад. Муаллифон дар китоби «Асосҳои журналистикаи телевизион» дар ду бахш (2005, 2010) вазифа ва уҳдадориҳои журналисти телевизионро баррасӣ намуда, се гурӯҳи жанрҳоро дар шароити шабакаҳои телевизионӣ нишон додаанд. Дар китоб оид ба ҷанбаи амалии журналистикаи телевизион, асосҳои сохтани сенария, суханварӣ дар навор ва паси кадр маълумот дода шудааст. Ба таъкиди муаллифон «ҳаракат, тағйири ҷою макони объект ва қаҳрамон хоси телевизион асту ин хосият аз ҳама бештар дар жанри репортаж ба мушоҳида мерасад»[1].

Дар китоби профессор Иброҳим Усмонов «Жанрҳои публитсистика» (2009) дар баробари шарҳи моҳияту вазифа ва ҳадафи жанрҳо, умумият ва фарқи жанрҳо бо далелҳои мушаххас нишон дода шудааст. Муаллиф ба он

---

[1] Саъдуллоев, А. Асосҳои журналистикаи телевизион [Матн] / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2010. – С. 58.

назар аст, ки «дар барномаҳои иттилоотии телевизион аксари кулли навиштаҳо дар қолаби ҳамин жанранд»[1].

Муаллифони воситаи таълимии «Жанрҳои ахбории матбуот» (А.Нуралиев, Н.Брукер ва А.Афсахзод) менависад: «дар солҳои охир вобаста ба авзои замон жанрҳои ахборӣ хеле фаъол гашта, ба мақоми аввал баромадаанд»[2].

Дар китоби дарсии профессор Мурод Муродӣ «Асосҳои эҷоди журналистӣ» жанрҳои журналистика гурӯҳбандӣ шуда, ҳар кадом дар алоҳидагӣ тасниф гардидаанд. Муаллиф бо истифодаи таърифи олимони дигар вижагиҳои жанри репортажро дар 8 банд шарҳ дода, репортажи телевизиониро «аз се ҷузъи асосӣ: стенд-ап, иттилооти иловагӣ ва синхронҳо» иборат донистааст[3].

Доир ба жанрҳои публитсиситика муҳаққиқон Зулфиддин Муъминҷонов ва Ҷумъа Қуддус низ дастурҳои таълимӣ навиштаанд. Аз ҷумла, Зулфиддин Муъминҷонов дар воситаҳои таълимии «Жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион», «Жанрҳои публитсистикаи бадеии телевизион» ва «Махсусияти жанрҳои иттилоотию таҳлилии телевизион»[4] доир ба истифодаи жанрҳо дар шабакаҳои телевизионӣ маълумот дода, ҷо-ҷо риоя нашудани муқаррароти жанрро аз ҷониби хабарнигорон бо мисолҳо нишон додааст. Дар дастури таълимии Ҷумъа Қуддус «Асосҳои журналистикаи телевизион»[5] бештар хусусиятҳои умумии жанрҳои телевизионӣ шарҳ дода мешаванд.

Вобаста ба мавзӯи таҳқиқ дар китобҳои Асадулло Саъдуллоев ва Сангин Гулов «Жанрҳои журналистикаи радио»[6], Ҷовид Муқим «Мусоҳиба ва техникаи истифодаи он»[7] ва Аъзамҷон Азимов «Маҳорати журналистии таҳлилгари телевизион»[8] маълумоти васеъ оварда шудааст.

Як самти кори диссертатсионӣ омӯзиши хусусиятҳои эволютсионии техника ва технологияҳои телевизионии ватанӣ мебошад. Вобаста ба ин самт адабиёти хосса китоби А. Саъдуллоев ва Н. Солеҳов «Техника ва технологияи ВАО» (2009) мебошад, ки дар он роҷеъ ба имкониятҳои техникии телевизион маълумоти муфассал ҷой дорад. Муаллифон перомуни хусусият ва талаботи жанрҳои хабариву таҳлилӣ маълумот дода, атрофи техникаву технологияи ВАО-и электронӣ андешаронӣ намудаанд. Аз ин китоб дар бораи намудҳои

---

[1] Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2009. – С. 33.

[2] Нуралиев, А. Жанрҳои ахбории матбуот [Матн] / А. Нуралиев, Н. Брукер, А. Афсаҳзод. – Душанбе, 2005. – С. 78.

[3] Муродов, М. Асосҳои эҷодии журналистӣ. [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2014. – 255 с

[4] Муъминҷонов, З. Махсусияти жанрҳои иттилоотию таҳлилии телевизион [Матн] / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2015. – 120 с.; Муъминҷонов, З. Жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион [Матн] / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2011. – 66 с.; Муъминҷонов, З. Жанрҳои публитсистикаи бадеии телевизион / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2013. – 66 с.

[5] Қуддус, Ҷ. Асосҳои журналистикаи телевизион. Дастури таълимӣ [Матн] / Ҷ. Қуддус. – Душанбе, 2008. – 80 с.

[6] Саъдуллоев, А. Жанрҳои журналистикаи радио [Матн] / А. Саъдуллоев, С. Гулов. – Душанбе, 2005. – 72 с.

[7] Муқим, Ҷ. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2013. – 160 с.

[8] Азимов, А. Маҳорати журналистии таҳлилгари телевизион (васоити таълимӣ) [Матн] / А. Азимов. – Душанбе, 2013. – 90 с.

танзими телевизиониву радиоӣ, пахши мустақим, таърихи ташкилёбӣ ва номгӯйи воситаҳои техникӣ дар радиову телевизиони мамлакат маълумоти нибатан муассиреро метавон пайдо намуд.

Дар монографияи муҳаққиқ Барно Соҳибова «Информация и ее обозрение как фактор развития современного таджикского телевидения (на примере Первого канала телевидения Таджикистана и информационного канала «Джахоннамо»») сохтори жанри репортаж ва муҳтавои барномаҳои иттилоотии телевизион баррасӣ шудааст.

Ҳангоми таълифи диссертатсия аз автореферат ва диссертатсияҳои олимони ватанию хориҷӣ Азимов А., Муродӣ М., Абдуллозода М., Муллоев Ш., Саъдуллаев Ҷ., Саидмуроди Х., Салихов Н., Абдураҳимов Б., Сафарзода М., Эшматов З., Ҷамолов И., Алкова И., Ғоибназарова Т., Давлатов Р., Зардова О., Сафаров Х., Сохибова Б., Маннонова М., Бузинова А., Герасимова С., Гострова Е., Мостепанова Ю., Попова С., Шилова В. А., Ширяева Т. ва дигарон истифода шудааст[1].

---

[1] Азимов, А. А. Таджикская журналистика в период культурной революции (1929-1940 гг.): автореф. дис. … док. филол. наук : 10.01.10 / Азимов Аъзамджон Холматович. – Душанбе, 2009. – 45 с.; Абдуллаев, М. А. Проблемы эволюции национальной идентичности в таджикской публицистике: конец XIX – первая половина XX веков: дис. … док. филол. наук : 10.01.10 [Текст] / Абдуллаев Масрур Ахматович. – Душанбе, 2011. – 343 с.; Муллоев, Ш. Б. Проблемы жанрово-тематических особенностей таджикской публицистики времен Великой Отечественной войны: 1941-1945: дис. … док. филол. наук : 10.01.10 [Текст] / Муллоев Шариф Бокиевич. – Душанбе, 2013. – 313 с.; Садуллаев, Дж. М. Межгосударственная телерадиокомпания «Мир» - как новый тип межгосударственного средства массовой информации в контексте интеграционных процессов СНГ: дис. … док. филол. наук : 10.01.10 / Садуллаев Джамшед Муллокомилович. – Душанбе, 2013. – 315 с.; Саидмуроди, Х. Роль радио «Таджикистан» в формировании общественного мнения в период независимости: автореф. дис. … док. филол. наук : 10.01.10 / Саидмуроди Ходжазод. – Душанбе, 2015. – 43 с.; Салихов, Н. Н. Проблемы формирования общественного сознания в таджикской публицистике периода государственного суверенитета: автореф. дис. … док. филол. наук : 10.01.10 / Салихов Нурали Назарович. – Душанбе, 2010. – 47 с.; Абдурахимов, Б. А. Содержательная и жанровая палитра телевизионных передач (на примере таджикских государственных телевизионных каналов): автореф. дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / Абдурахимов Бахтиёр Абдурахимович. – Душанбе., 2017. – 23 с.; Сафарова, М. А. Телевидение и его психологическое влияние на общественное мнение (на примере государственных телевизионных каналов Таджикистана): дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 [Текст] / Сафарова Мохира Амиралиевна. – Душанбе, 2016. – 146 с.; Эшматов, З. А. Становление и развитие таджикского телевидения (на примере Первого канала таджикского телевидения): автореф. дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / Эшматов Зафарджон Аскарович. – Душанбе, 2016. – 25 с.; Алькова, И. И. Внутритекстовый монтаж как инструмент создания имиджа субъекта и объекта журналистики: дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / Алькова Ирина Ильинична. – Душанбе, 2013. – 161 с.; Гоибназарова, Т. С. Масс-медиа и искусство Таджикистана в контексте глобализации (на примере печатных СМИ): автореф. дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / Гоибназарова Тахмина Соибназаровна. – Душанбе, 2014. – 25 с.; Давлатов, Р. Л. Роль современных информационных технологий в глобализации и взаимодействии культур: автореф. дис. … канд. филос. наук : 09.00.11 / Давлатов Рамазони Лакаевич. – Душанбе, 2014. – 22 с.; Зардова, О. Н. Русскоязычные СМИ Республики Таджикистан в контексте связей с общественностью в условиях государственной независимости: дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / Зардова Ориёна Нагзибековна. –

Муҳаққиқи рус Гаврилов К. дар дастури «Как делать сюжет новостей и стать медиатворцом» имкониятҳои техникии телевизионро нишон додааст. Муҳтавои ин дастур ба тасвир, танзим ва сохтори техникии телевизион равона мешавад. Муаллиф таъкид мекунад, ки зимни таҳияи сюжети ахборӣ тамошобин ба ҳодисаву воқеаи руххдода хоҳ ноҳоҳ бовар менамояд. Аммо агар хабарнигор аз ҷойи ҳодиса стенд-ап (сухани журналист дар кадр) пешниҳод кунад, эътимоди тамошобинро нисбат ба иттилои пахшгардида зиёдтар менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқ ва омӯзиши адабиёт ва сарчашмаҳои илмӣ собит месозанд, ки мавзӯи мазкур дар илми журналистикаи тоҷик нав буда, доир ба он то имрӯз таҳқиқи илмӣ анҷом дода нашудааст.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ ба барномаҳои таълимӣ ва илмии самтҳои рӯзноманигорӣ ва ҷомеашиносӣ бевосита алоқамандии амиқ дорад. Инчунин, масъалаи баррасишаванда як ҷузъи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи телевизион ва радиои Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода маҳсуб меёбад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ** муайян намудани вижагиҳои жанрии барномаҳои иттилоотии ду шабакаи телевизионӣ - Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» ва Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе» дар заминаи жанри репортаж аст. Омӯзиши ҳамаҷонибаи жанрҳо барои зуҳури журналистикаи касбӣ замина гузошта, ба баланд гардидани нуфузи журналист, таъсирбахшии сухан ва эътимоднокии фаъолияти журналист саҳм мегузоранд. Таҳқиқ ва таҳлили навъҳои репортаж дар телевизион, моҳият ва хусусияти онҳо, тавофут ва инкишофи ин жанр аз мақсадҳои дигари кори диссертатсионӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои ноил гардидан ба мақсади ишорашуда ҳалли вазифаҳои зерин зарур дониста мешавад:

---

Душанбе, 2014. – 129 с.; Сохибова, Б. Н. Информация и ее интерпретация как фактор развития современного таджикского телевидения (на примере Первого канала телевидения Таджикистана и информационного канала «Джахоннамо»): автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.01.10 / Сохибова Барно Нозировна. – Душанбе, 2016. – 24 с.; Маннонова, М. Махсусияти таҳияи барномаҳои хабарии телевизион дар шароити муосир (дар мисоли барномаҳои иттилоотии «Ахбор»-и телевизиони «Тоҷикистон» ва «Навид»-и Муассисаи давлатии телевизиони «Сафина»): Дис. … номзади илмҳои филология: 10.01.10 [Матн] / М Манонова. – Душанбе, 2019. -166 с.; Герасимова, С.А. Телевидение как средство формирования культурных ценностей личности: автореф. дис. … канд. культуролог. наук: 24.00.01 / Светлана Анатольевна Герасимова; СПбГУ. – СПб., 2000. – 27 с.; Попова, С. Н. Региональное деловое телевидение: субъектно-деятельностный подход (на материале телевидения городов - миллионников УРФО): автореф. дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / Попова Светлана Николаевна. – Челябинск, 2014. – 23 с.; Шилова, В. А. Телевидение в системе социального управления: Дис. … канд. социолог. наук: 22.00.08 [Текст] / Шилова Валентина Александровна. – М., 2000. – 146 с.; Ширяева, Т.А. Структурно-содержательная и функциональная парадигма современного делового дискурса: : дис. … канд. филол. наук : 10.02.19 / Ширяева Татьяна Александровна. – Нальчик, 2014. – 420 с.

- муайян сохтани мавқеи репортаж дар низоми жанрҳои журналистӣ ва иртиботи репортажи телевизионӣ бо дигар жанрҳои журналистика;
- омӯзиши ҷанбаҳои назариявии репортаж ҳамчун жанри маъмули журналистикаи телевизион;
- баррасии омилҳои шаклдиҳандаи репортажи телевизионӣ дар низоми кори телевизион;
- таҳқиқи заминаҳои иваз шудани алгоритми ҷамъоварӣ ва пахши иттилоот дар заминаи технологияи рақамӣ;
- таҳлили сохторӣ ва мундариҷавии қолабҳои ахбори шабакаҳои телевизионӣ;
- мушаххас сохтани ҳамгироии репортажи телевизионӣ бо дигар жанрҳои телевизион;
- таҳқиқи репортажҳои рӯйдодӣ-хабарии телевизиони «Ҷаҳоннамо»;
- муайян намудани ҳусну қубҳи репортажҳои мавзӯӣ-таҳлилии «Телевизиони «Душанбе».

**Объекти таҳқиқ** – репортажҳои барномаҳои иттилоотии Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» ва Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе».

**Предмети таҳқиқ** – имкониятҳои жанрӣ ва истифодаи онҳо дар таҳияи барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионӣ, муайян намудани вижагиҳои мавзуӣ, жанрӣ ва унсурҳои ҷолибсоз дар репортажҳои телевизионӣ.

**Марҳилаи таҳқиқ** солҳои 2008-2022-ро фаро мегирад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ**. Дар кори диссертатсионӣ ба таълифоти назарии донишмандони русу тоҷик бо шумули Рагулина Ю.В., Муратов С.А., Ножин Е.А., Вартанова Е.В., Вырковский А.В., Саъдуллоев А., Нуралиев А., Усмонов И.К., Имомзода М.С., Азимов А.Х., Муродӣ М.Б., Муқимов М.А., Абдуллозода М.А., Саъдуллоев Ҷ.М., Солеҳов Н.Н., Муллоев Ш.Б., Муъминҷонов З., Ҷӯраева М.Р., Қутбиддинов А.Ҳ., Species Бобоҷонониён Р.М., Мухторӣ Қ., Бозорзода Н., Умарова Г., Ҳамидиён И.И. ва дигарон такя шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Диссертатсия дар асоси методҳои омӯзишӣ, таҳлилӣ ва муқоисавӣ таълиф гардидааст. Ҳамзамон, тавассути муқоиса умумият ва тафовути барномаҳои иттилоотии телевизионҳои «Ҷаҳоннамо» ва «Душанбе» муайян шуда, методи таърихии таҳқиқ, равишҳои таҳлили компонентӣ ва оморӣ истифода гардидаанд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ** барномаҳои иттилоотии «Хабар» ва «Вақт»-и телевизионҳои «Ҷаҳоннамо» ва «Душанбе» маҳсуб меёбад. Дар рафти таълифи диссертатсия аз хазинаи телевизионҳо низ истифода шудааст. Муаллиф бо директорони собиқ ва имрӯзаи телевизиони «Ҷаҳоннамо» Абдумаҷид Ҳакимзода (14 июли соли 2021) ва Садриддин Шамсиддинзода (22 августи соли 2021), сармуҳаррирони вақти идораи иттилоотии телевизион Ниёзбек Қаландаров (15 июни соли 2020), собиқ муовини директор оид ба корҳои техникии «Телевизиони Душанбе» Орзу Назаров (17 июли соли 2021), собиқ муовини директор ва сармуҳаррири «Телевизиони Душанбе» Зулфиддин Муъминҷонов (24 августи соли 2021), сармуҳаррирони собиқи идораи барномаҳои иттилоотии телевизион Исматулло Нуров (17 августи соли 2021), Парвиз Аминов (10 июни соли 2021), Қандил Мардонов (15 январи соли 2022)

ва муовини директор оид ба корҳои техникии «Телевизиони Душанбе» Некрӯз Бобоев (18 марти соли 2022) суҳбатҳои тахассусӣ анҷом додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Бори аввал ба таври фарогир репортажи телевизионӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, мавқеи он дар журналистикаи телевизиони ватанӣ муайян гардидааст. Дар ин замина, аҳаммияти ин жанр дар низоми хабаррасонии фаъолияти рӯзноманигорӣ таҳқиқ гардида, роҳҳои беҳтар намудани истифодаи он ба миён гузошта шуд.

Нақши техника ва технологияҳои телевизионӣ барои таҳияи барномаҳои хабарӣ бо мисолҳои мушаххас баррасӣ гардида, марҳалаҳои рушди техникии Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» ва Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе» таҳқиқ шудааст. Дар диссертатсия таҳлили сохторию мундариҷавии барномаҳои иттилоотии шабакаҳои номбурда сурат мегирад. Марҳалаҳои шаклгирандаи истеҳсоли барномаҳои хабарӣ дар шароити афзудани таваҷҷуҳи аудитория ба васоити электронии ахбор ҳам таҳлил гардидааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Аксарияти унсурҳои пахши иттилоотӣ бори аввал пеш аз пайдоиши технологияҳои муосири мухобиротӣ ба тамошобин пешниҳод гардидааст. Дастовард ва рушди соҳаҳои хоҷагии халқ дар шароити муосир дар шакли нави репортажҳои телевизионӣ пешниҳод ва таблиғ мешаванд.
2. Мазмун ва мундариҷаи қолабҳои хабарии телевизионҳои «Ҷаҳоннамо» ва «Душанбе» тағйироти назаррасро дар интишори иттилоот сипарӣ намуданд. Ин дигаргуниҳо ба унсурҳои барномасозӣ ва муҳтавои репортажҳои телевизионӣ таъсир гузошта, имкониятҳои жанрӣ ва истифодаи унсурҳои жанрҳои дигари хабарӣ дар таҳияи репортаж ба мушоҳида мерасад.
3. Идораҳои иттилоотии телевизион принсипҳо ва усулҳои анъанавии истеҳсоли мундариҷаи ахборро бо назардошти равандҳои таъсири мутақобилаи телевизион ва ВАО ҳамоҳанг месозанд. Дар рушди телевизион шакливазкунии эфири иттилоотӣ, ҳамгироии унсурҳои ВАО-и электронӣ, истеҳсоли маводи визуалӣ ва эҷодӣ форматҳои нав мебошанд. Омӯзиш ва хулосабарорӣ дар самти малакаву маҳорати хабарнигорон вобаста ба таҳия ва пешниҳоди барномаҳои иттилоотии «Хабар» ва «Вақт» ба ин раванд мисол шуда метавонанд.
4. Омода кардани кадрҳо ба дониш ва малакаи касбии мутахассисон, талаботи муосир ва сифати мундариҷавии ахбор вобаста аст. Яке аз тамоюлҳои асосии таълим дар ин раванд бо донишҳои муосир муҷаҳҳаз намудани кормандони идораи барномаҳои иттилоотӣ дониста мешавад. Истифодаи навъҳои репортажи телевизионӣ дар телевизионҳои «Ҷаҳоннамо» ва «Душанбе» ба мушоҳида мерасад.
5. Технологияҳои нави рақамӣ имкон доданд, ки равишҳои муосири эҷодӣ дар истеҳсоли мундариҷаи ахбор таҳия гардад. Рушди технологияҳои иттилоотӣ ба низоми ҷамъоварӣ ва пахши иттилоот ва дар маҷмуъ, ба сохтори ВАО таъсири назаррас расонид. Истифода аз техника ва технологияи замонавӣ дар «Телевизиони Душанбе» ин назарияиро собит менамояд. Таҳаввулоти техникӣ ба телевизиони «Ҷаҳоннамо» низ таъсири амиқ гузоштааст.

6. Истифодаи таҷрибаи пахши мустақим аз ҷойи ҳодиса ба воситаи дастгоҳҳои муосири техникӣ барои афзоиши нуфузи телевизион ва касбияти рӯзноманигорони идораи барномаҳои иттилоотӣ мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда донишҳои назариявиро дар шинохти жанрҳои телевизион, бахусус репортаж афзуда, метавонанд дар таҳқиқҳои минбаъда истифода гарданд. Муҳтавои кори диссертатсионӣ бахусус дар таҳқиқи репортаж ҳамчун жанри хосаи телевизионӣ замина фароҳам меорад. Диссертатсия дар шинохти репортажи телевизионӣ манбаи нави илмӣ буда, дар шароити Тоҷикистон объекти нави таҳқиқи илмӣ маҳсуб меёбад. Кори диссертатсиониро метавон барои таълифи рисолаҳои илмӣ ҳамчун сарчашма истифода намуд. Натиҷаҳои таҳқиқ барои такмили шинохти жанри репортаж дар телевизион, татбиқи ҳадафҳои идораи иттилоотӣ, ташкили курсу семинарҳо ва таҳияи китобҳои дарсӣ мусоидат мекунад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст масъалаи интихоби мавзуъ, омода намудани матни журналистӣ, ҳамкории наворбардор бо хабарнигор, истифодаи унсурҳои жанрсоз дар ҷолибияти маводи телевизионӣ, танзими навор бо истифодаи барномаҳои муосири компютерӣ ва дигар масъалаҳо таҳқиқ шудааст. Маводи кори диссертатсиониро барои таълими репортажи телевизионӣ дар мактабҳои олӣ, низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи телевизион, ташкили курсу семинарҳо дар факултаю шуъбаҳои рӯзноманигорӣ ва таҳияи китобҳои дарсӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд. Муаллифи диссертатсия тӯли 10 сол дар «Телевизиони Душанбе» фаъолият намуда, масъаларо ҳам аз лиҳози илмӣ ва ҳам амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

**Мутобиқати мавзӯи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Кори диссертатсионӣ дар мавзӯи «Таҳаввули жанри репортаж дар телевизион (дар мисоли ТВ «Ҷаҳоннамо» ва ТВ «Душанбе»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Диссертант дар таҳқиқи мавзуъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифа, объект, фарзия, марҳила, макон ва давраи таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонии илмӣ саҳми худро гузоштааст. Масъалаҳои асосии таҳқиқ бо машварати роҳбари илмӣ тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии унвонҷӯ дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маърӯза дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ инъикос ёфтаанд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Мундариҷа ва қисматҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии зерин дар шакли маърӯзаҳо баён шудаанд: конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «Журналистикаи минтақавии муосир: талаботу тамоюли нав ва таҷрибаи рушд» (Хуҷанд, 10 марти соли 2022), конфронсҳои ҷумҳуриявии илмию амалӣ ва назариявии «Масъалаҳои тақвияти ватандӯстӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ – омили муҳимми

таҳкими давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» бахшида ба 30-солагии Артиши миллӣ (Душанбе, 20 феврали 2023), «Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад» (Душанбе, 18 марти соли 2022), «Пешвои миллат ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол» (Хуҷанд, 14-15 ноябри соли 2021), «Журналистикаи минтақавӣ дар шароити рушди технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва Рӯзи матбуоти тоҷик (Хуҷанд, 11 марти соли 2021), инчунин, дар конфронсҳои анъанавии ҳамасолаи апрелии ҳайати устодону кормандони Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2019-2022).

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи телевизион ва радиои Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» (суратмаҷлиси №4 аз 9 декабри соли 2022) ва ҷаласаи муштараки кафедраҳои телевизион ва радиошунавонӣ ва технологияи ВАО-и ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода (суратмаҷлиси №6 аз 10 январи соли 2023) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзӯи диссертатсия.** Муҳтавои асосии кори диссертатсионӣ дар 7 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Матни диссертатсия дар 173 саҳифа ҷой шуда, адабиёт 231 номгӯйро фаро мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚ

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмет, асосҳои назарию методологӣ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия қайд гардидааст.

Боби якуми диссертатсия - «**Асосҳои назариявии репортаж ҳамчун жанри журналистикаи телевизионӣ**» аз се фасл иборат аст. Фасли якуми боби якум **«Ташаккул ва инкишофи репортаж ҳамчун жанри журналистика»** ном дорад. Дар пажӯҳиши журналистика яке аз бахшҳои муҳим жанр ва мушаххасоти он дар низоми васоити ахбори омма мебошад. Дар шабакаҳои телевизионӣ серистеъмолтарин жанр репортаж буда, рӯзноманигорон бо истифодаи имкониятҳои он матлаб таҳия менамоянд.

Доир ба репортаж муҳаққиқони дигар низ андешаву таърифҳои худро пешниҳод намудаанд, аммо онҳо бо инобати хусусиятҳои тасвирии репортаж,

ки дар телевизион тавассути навор ифода меёбад, дарҷ гардидаанд. Аз ин рӯ, мо бештар ба назарияи онҳо таваҷҷуҳ менамоем. Муҳаққиқон А.Саъдуллоев ва М. Шоев репортажро аз рӯйи тарзи пахш ба ду намуд-сабтшуда ва мустақим ҷудо намудаанд. Аз рӯйи технологияи жанрӣ репортаж ба гунаҳои воқеӣ, мавзӯӣ ва сохта ҷудо мешавад. Барои репортёр дар муқоиса бо хабарнигор ва ё шореҳ муҳим нишон додани чузъиёти воқеаест, ки дар пеши назар ба вуқӯъ пайваста истодааст, на натиҷа ва ё паёмади он. Барои муайян намудани дараҷаи касбияти репортажгар ба чунин нуқтаҳо диққат кардан лозим меояд: интихоби қисмати инъикоскунандаи воқеа; интихоб ва ҷобаҷогузории иштирокчиёни воқеа; интихоб ва пешниҳод кардани далелҳо; интихоб ва тақсимбандии эпизодҳои гуногун ва ҷолиб; ҷудо кардани ҷузъиёти махсус; пешниҳод кардани таассуроти шахсӣ. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки чунин мушаххасоти жанрӣ аз ҷониби хабарнигорон дар бештари маврид истифода намешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқ мо ба хулосае омадем, ки талаботи асосӣ ҳангоми таҳияи репортаж дар дилхоҳ мавзуъ ва ё аз ҷараёни ҳодисаву воқеа ин, пеш аз ҳама, дурустии факту рақам ва номҳо мебошад.

Мафҳуми репортаж (reporter) дар нимаи аввали асри XIX, вақте ки рушди босуръати матбуоти даврӣ дар Аврупо ва Русия сурат гирифт, ба вуҷуд омадааст. Дар ибтидо ин жанри журналистикае буд, ки хонандаро аз рафти муҳокимаҳои судӣ, баҳсҳои парлумонӣ, вохӯриҳои гуногун ва ғайра огоҳ мекард. Баъдтар, ин гуна «маълумотномаҳо»-ро репортаж меноманд. Аз намояндаи барҷастаи ВАО, ки ба ташаккули жанри репортаж таъсир расонидаанд, В.А. Гиляровский маҳсуб меёбад, ки дар охири асри XIX - ибтидои асри XX шуҳратёр гардида буд. Хусусияти асосии репортаж эҷоди «эффекти ҳузур» мебошад. Омили фарққунандаи репортаж ҳамчун жанри журналистика риояи хронологияи воқеаҳо мебошад. Ба ибораи дигар, ба тамошобин ҳодисаю ахбороти рӯйдодаро пай дар пай расондан лозим аст. Хабарнигор ҳузури худро дар ҷойи ҳодиса бо ибораҳои «ман» ва ё «мо» таъкид намуда, ба ин васила аудиторияро ба дурустии паёмаш ҳушдор медиҳад. Дар репортажи телевизионӣ имкониятҳои наворро ба назар гирифтан зарур аст. Дар мавридҳои ҷудогона такрори навор ва ё номувофиқ омадани матн бо видео барои ҷолиб набаромадани репортаж сабаб мегардад.

Аз ин рӯ, ҳақ ба ҷониби муҳаққиқ Зулфиддин Муъминҷонов аст: «...дар репортажи телевизионӣ, пеш аз ҳама, ҳаёт, рӯйдод чӣ хеле ҳаст, нишон дода шуда, ба ҳақиқати реалӣ наздик аст...»[1].

Дар фасли дуюми боби якум – «**Заминаҳои иваз шудани алгоритми ҷамъоварӣ ва паҳн кардани иттилоот дар заминаи технологияи рақамӣ**» таҳқиқ мешавад. Дар шабакаҳои телевизионӣ имрӯзҳо бештар бо истифодаи графикаҳо мавод таҳия карда мешавад. Дар ин замина як қатор хусусиятҳои бунёдие мавҷуданд, ки фазои ҷамъоварии маводро дар замони муосир фарқ мекунонанд. Идораҳои иттилоотӣ дар шабакаҳои телевизионӣ аз серкортарин бахшҳо маҳсуб меёбад ва ҳамарӯза ба намудҳои гуногуни алгоритми

[1] Муъминҷонов, З. Жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион [Матн] / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2011. – С. 56.

ҷамъоварии мавод бояд хабарнигорон сари кор гиранд ва технологияҳои рақамиро бояд хуб донанд. Бо рушд ёфтани технологияҳои рақамӣ на танҳо васоити анъанавӣ, балки тағйироти миқдорӣ ва сифатии иттилоот аз ҷониби корбарон оғоз шуд. Якчанд тамоюлҳои асосии хоси давраи рақамикунонӣ мавҷуданд, ки натиҷаи рушди технологияҳои навтаринанд ва ба рушди барномаҳои хабарии телевизионҳои мо таъсири назаррас расонида метавонанд. Ҳамаи тамоюлҳои хоси марҳалаи кунунии рушди телевизион бо ҳам зич алоқамандананд ва дараҷаи баланди таъсири мутақобила доранд. Навовариҳои техникӣ дар телевизион имкони таҳияи барномаҳои телевизиониро дар сатҳи баландсифат боз кард. Дар ибтидои солҳои 90-ум пайдо шудани формати Super VHS шумораи зиёди тамошобинонро бо сифати хуб қонеъ намуд. Аммо Super VHS зуд бо форматҳои пешрафта иваз гардид - Betacam SP ва Betacam SX-и рақамӣ. Ҳоло аз чунин форматҳо дар телевизионҳои мо қариб, ки нишоне нест ва техникаву технологияи HD ва Full HD истифода бурда мешавад ва он дорои сифати дақиқияташон баланд аст.

Хусусияти дигари давраи пахши рақамӣ ин гузариш ба фаҳмидани сигнали видеоӣ ҳамчун ҷараёни маълумот мебошад, ки тағйироти ҷиддиро на танҳо дар равандҳои технологӣ, балки дар омодасозии кадрҳои техникӣ ва эҷодӣ дар назар дорад. Мавҷудияти стандартҳои гуногун ҳангоми сабти навор ва коркарди минбаъдаи он аксар вақт боиси такрори дубораи сигнал ва ба паст шудани сифати маҳсулоти ниҳоӣ мегардад. Ба қавли муҳаққиқон С.Гулов ва М.Ҷумъаев «...дар телевизиони муосир созмону сохторҳои барномасозу барноманамоишдиҳанда амал мекунанд»[1]. Ин сохтору созмонҳо низ дар самти беҳтарсозии сифати барномаҳо дар шароити феълӣ бояд чораҷӯӣ намоянд.

Вақтҳои охир технологияҳои IT дар истеҳсолоти телевизион, бахусус дар бахши марбут ба ҷараёнҳои видео фаъолона истифода мешаванд, ки агар кор дар шакли файл анҷом дода шавад, бартариҳои назаррас фароҳам меорад. Барои мисол давоми солҳои 2017 ва 2019 дар барномаи иттилоотии «Телевизиони Душанбе» бахше бо номи хабарнигори ҷамъиятӣ ташкил карда шуд. Дар он доир ба ҳодисаҳои гуногун ва мушкилоту норасоӣ сокинони ноҳияҳои пойтахт тавассути вайбер (Viber, WhatsApp, Telegram) навор ва шарҳи онро ирсол менамуданд. Бо каме таҳрир ва танзми навор он тавассути барномаи «Вақт» пешниҳоди бинанда гардонида мешуд. Дар шароити ҷаҳони муосир усулҳои ҷамъоварии иттилоъ пайваста тағйир ёфта, роҳҳои гуногуни он ба миён меояд, ки истифодаи ҳар яки он махсусиятҳои худро дошта, аз рӯзноманигорону кормандони бахши техникӣ дар шабакаҳои телевизионӣ маҳорати хоса ва омӯзиши пайвастаро тақозо дорад. Стандартҳои нави рақамӣ кори дастгоҳҳои наворбардорӣ ва таҳриркуниро дар низоми шабакавӣ таъмин мекунанд, ки аз ҷиҳати самаранокии коркард ва сифати онҳо бартариҳои зиёд дорад, вале ҳамоно иттилоъ бояд мавқеи хоса дошта бошад.

Дар раванди технологии истеҳсоли телевизион якчанд марҳалаҳои асосиро ҷудо кардан мумкин аст: наворбардории маводи манбаъ; ба идора фиристодани

---

[1] Гулов, С. Муқаддимаи журналистика. Дастури таълимӣ [Матн] / С.Гулов, М.Ҷумъаев. – Душанбе, 2016. – С. 115.

он; баъди истеҳсолот; интиқоли мавод дар эфир; бойгонӣ. Айни замон барои интиқоли мавод ба идора аз дилхоҳ гӯшаи ҷаҳон ва шаҳру навоҳии мамлакат шабакаи дохилӣ (FTP-протокол передачи файлов по сети) миёни муассисаҳои телевизионӣ мавҷуд аст, ки аз он ҳамарӯза журналистон, хоса мухбирони минтақавӣ истифода менамоянд.

Дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» яке аз журналистони фаъол дар ин бахш айни замон Сафархӯҷа Ризоев аст. Чунин тарзи кор аз соли 2010 инҷониб дар телевизион роҳандозӣ гардидааст. Журналистони телевизион Исматулло Азизов, Парвиз Аминов, Муфаррах Шодиев ва Суҳроб Сафолов, ки имрӯз дар дигар сохтору мақомот фаъолият мекунанд, бо чунин шева фаъолияти универсиалиро дар телевизион дар бахши ҷамъоварию пешниҳоди иттилоъ истифода менамуданд, ки яке аз паҳлӯҳои маҳорати журналистӣ аст.

Дар шароити ҷаҳони муосир усулҳои ҷамъоварии иттилоъ пайваста тағйир ёфта, роҳҳои гуногуни он ба миён меояд, ки вижагии истифодаро талаб мекунад. Он аз рӯзноманигорону кормандони бахши техникӣ дар шабакаҳои телевизионӣ маҳорати хосса ва омӯзиши пайвастаро тақозо дорад. Дар баробари масъалаҳои дигар, алгоритми ҷамъоварӣ ва пахн кардани иттилоот дар заминаи технологияи рақамӣ бояд пайваста мавриди омӯзиш қарор гирад.

Дар фасли сеюми боби якум **«Хусусиятҳои эволютсионии техника ва технологияҳои телевизионии ватанӣ»** мавриди таҳқиқ қарор гирифт.

Дар низоми ВЭА телевизион яке аз воситаҳои ҷавонтарин ба ҳисоб меравад ва дар ҷомеа мавқеи шоиста дорад. Талабот ба он низ пайваста меафзояд. Ҳамин аст, ки он сол аз сол шумораи шабакаҳои телевизионӣ дар кишвари мо зиёд мегардад. Дар кишвари мо соли 1959 телевизион таъсис ва ба фаъолият оғоз намуд. Соли 1960 заминаи моддию техникии он беҳтар гардид. соли 1961 ба телевизиони Студияи сайёри телевизионӣ (ПТС) дастрас карда шуд, ки он барои сабти намоишҳои калонҳаҷм ва консерту чорабиниҳои муҳим истифода бурда мешуд. Сипас, дастрасӣ бе техника торафт бештар мегардид ва шумораи кормандони техникӣ низ зиёд шуда, заминаи техникии телевизион пурқувват гардид. Дар оғози солҳои 2000 дастгоҳи танзими барномаҳо аз 2 ба 18 адад расонида шуд, ки ин як дастоварди муҳим ба ҳисоб мерафт. Сабт аввал дар фиттаҳои Betacam SP анҷом дода мешуд. Ин навъи фиттаҳо аз 30 то 180 дақиқа наворро иқтидори ғунҷоиш доштанд ва қадамҳои аввалин дар самти рақамикунонии телевизион буд. Баъдан, ширкатҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла SONY истеҳсоли фиттаҳои ҳаҷман хурдро (MiniDV) мувофиқ ба камераҳои наворабрдорӣ истеҳсол намуд, ки он дорои сифати баланд буда, то 60 дақиқа имкони сабти наворро дошт.

Дар кишвари мо марҳилаи рушду инкишофи эҷодиву техники телевизион, аз ҷумла шабакаҳои «Телевизиони Душанбе» ва «Ҷаҳоннамо» ба даврони соҳибистиқлолӣ рост меояд. Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе» (дар гузашта «Пойтахт») бори аввал 8 сентябри соли 1996 барномаҳои худро тариқи канали 7-ум дар эфир пахш намудааст. Дар ибтидо кормандони «Телевизиони Душанбе» аз ҷиҳати техникиву молӣ имкониятҳои заиф доштанд. Яке аз воситаҳои асосии техникӣ дар телевизион ин дастгоҳи наворбардорӣ аст, зеро унсури асосии телевизион тасвир, яъне навор аст. Дар ин шабакаи телевизионӣ

дар соли 1998 ҳамагӣ 3 адад кинокамераи тамғаи Super VHS истифода мешуд, ки он истеҳсоли ширкати Panasonic буд. Дар доираи беҳтарсозии низоми техникии «Телевизиони Душанбе» соли 2008 роҳбарияти телевизион 7 дастгоҳи наворабрдориро низ ворид намуданд, ки бо истифодаи он сифати навор ҷавобгӯи стандартҳои замони нав гардид. Ин камераҳо тамғаи барои он замон нави SonyDSR-PD 170 ва SonyDSR- 250 P буданд, ки қобилияти сабти сифати рақамиро доштанд. Соли 2021 марҳалаи нави рушди техникии «Телевизиони Душанбе» аст. Бо таъйин гардидани Маъруфҷон Оқилзода ҳамчун директор дар Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе» барои ҳалли мушкилоти техникии шабака қадами устувор гузошта шуд. Сабти барномаҳои иттилоотӣ тавассути дастгоҳи махсус - Tri Caster ба роҳ монда шуд, ки он кори танзим ва банду басти барномаро бамаротиб осон ва сифати онро беҳтар намудааст.

Таъмини технологияи муосири телевизионӣ дар «Ҷаҳоннамо» ҳанӯз аз рӯзҳои аввали фаъолияти он таҳти таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат, хоса роҳбарияти Кумитаи телевизион ва радио ва директори вақт Абдумаҷид Усмонов (Ҳакимзода) қарор дошт. Имрӯз телевизион бо шароити муосир ва техникаи охирзамон таъмин буда, дастгоҳи насли нави наворбардорӣ аз ширкати SONY дастрас гардид, ки дорои сифати олӣ мебошад. Роҳбарияти имрӯзи телевизион низ дар ин самт талоши назаррас доранд.

Зимнан, дар ҷамъбасти боби якум бояд гуфт, ки ҷанбаҳои назариявии репортаж аз ҷониби олимону муҳаққиқон пурра баррасӣ шудааст ва истифодаи тавсияҳои пешниҳоднамудаи онҳо барои ҳар як хабарнигор зарур дониста мешавад. Репортаж ҳамчун жанри серистеъмоли журналистикаи телевизион дар ВАО-и тоҷик аз рӯзҳои аввали фаъолияти шабакаҳои телевизионӣ ба таври васеъ истифода мешавад. Вобаста ба рушди технологияҳои муосир ва васеъ шудани имкониятҳои техникии шабакаҳои телевизионӣ роҳҳои ҷамъоварии иттилоот низ зиёд шудааст. Ин ҷараён барои таъмини фаврият дар таҳия намудани барномаҳои иттилоотӣ заминаи мусоид мегузорад. Бо вуҷуди ин, дар самти таъмини хабарнигорон бо воситаҳои пахши мустақим аз макони ҳодиса чандон таваҷҷуҳи ҷиддӣ сурат нагирифтааст. Ин аст, ки репортажҳои мустақим мунтазам мушоҳида намешаванд.

Боби дуюм «**Таҳаввули репортаж дар телевизион**» аз се фасл иборат аст. Дар фасли якуми боби дуюм «**Сохтор ва мундариҷаи қолабҳои хабарии шабакаҳои телевизионӣ»** таҳқиқ мешавад. Барномаҳои иттилоотӣ дар шабакаҳои телевизионӣ мавқеи хосса доранд ва дар муайянкунии мавқеи расона дар ҷомеа ва раддабандиҳои созмону муассисаҳои гуногуни пажӯҳишӣ ва сотсиологӣ нақши назаррас мегузоранд. Ин аст, ки ҳамеша фаъолияти иттилоърасонӣ дар телевизион ва самти кори идораи барномаҳои иттилоотӣ зери таваҷҷуҳи пайвастаи роҳбарияти телевизион қарор дорад. Кормандони ин идора дар шабакаҳои телевизионӣ маъмулан аз рӯйи нишондоди гурӯҳи якуми жанрҳо мавод омода ва таҳия менамоянд.

Дар шароити муосир, ки барномаҳои иттилоотӣ низ хусусияти тарғиботӣ пайдо намудаанд, нашри иттилоъ вобаста ба хусусияти расонаҳои хабарӣ ҳадафмандона сурат мегирад. Дар телевизиони «Тоҷикистон» ин барнома «Ахбор» ном дорад. Барномаи мазкур давоми рӯз танҳо бо забони тоҷикӣ 6

маротиба пахш карда мешавад, ки аксаран такрори қисматҳои барномаи асосӣ аст. Барномаи асосии «Ахбор» ҳамарӯза соати 20:30 пахш мегардад, ки маъмулан давомнокии он то 1 соат мебошад. Дар ин муддат аз 10 то 20 репортаж пешниҳоди бинанда гардонида мешавад. Айни замон ҷадвали пахши барномаҳои хабарӣ чунин аст: Дар телевизиони «Тоҷикистон» тӯли як шабонарӯз 11 нашри хабарӣ пахш карда мешавад. Аз ҷумла, соати 8 ахбор бо забони тоҷикӣ, соати 12 низ бо забони тоҷикӣ, соати 14 бо забони арабӣ ва соати 15 бо забони англисӣ, соати 16 пахши хабарҳои хориҷӣ бо забони тоҷикӣ, соати 18 бо забони тоҷикӣ, соати 19 бо забони русӣ, соати 20:30 нашри муфассали ахбор бо забони тоҷикӣ, соати 22 бо забони тоҷикӣ, ҳамчунин соати 24 бо забони тоҷикӣ пахш карда мешавад.

Айни замон сармуҳаррири идораи барномаҳои иттилоотӣ-»Ахбор»-и телевизиони «Тоҷикистон» Маҳмадалӣ Сафаров мебошад. Ҳоло дар ин идора Фахриддин Нурматов, Нуриддин Қурбонов, Зулфия Раҳимзода, Хуршедаи Наҷмиддин, Наврӯзшоҳи Азизулло, Бобокалон Аминов, Манучеҳри Сулаймон, Оишаи Саттор, Зафар Қаюмов, Далер Алиев, Зумрад Файзиева, Карим Ҳайдаров фаъолияти пурсамар намуда, барои пеш бурдани кори идораи «Ахбор» кӯшиш менамоянд.

Дар Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» низ барномаҳои хабарӣ мавқеи хосса доранд. Муҳаррирон ва мухбироне, ки дар ташкил ва пешбурди идораи иттилоотӣ саҳми назаррас доранд, Зубайдулло Каримов, Дилафрӯз Комилова, Рухшона Солиева, Нуралӣ Шоқурбонов, Набиҷон Ҳомидов, Хуршед Сафаров, Ширинҷон Сафарзода, Хоҷа Назриев, Фазлиддин Умарбеков, Хосият Худоёрбекова ва дигарон мебошанд. Идораи барномаҳои иттилоотӣ-таҳлилии «Навид» дар сохтори Муассисаи давлатии телевизиони «Сафина» яке аз шуъбаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамарӯза тариқи ин идора 6 маротиба – дар соатҳои 8-и субҳ, 10:00, 13:00 бо забони англисӣ, соатҳои 15:00 ва 18:00 бо забони русӣ ва соати 20:00 нашрҳои хабарӣ бо се забон-тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таҳия ва пешниҳоди бинанда карда мешавад.

Пахши барномаҳои телевизиони «Душанбе» дар як шабонарӯз то 18 соатро ташкил дода, кормандони «Телевизиони Душанбе» барномаҳои сиёсӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ-фароғатӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ-оммавиро дар тамоми мавзуъҳои актуалӣ таҳия карда, ба бинанда пешниҳод месозанд. Айни ҳол дар телевизиони «Душанбе» 35 лоиҳаҳои телевизионӣ амалӣ мешаванд. Кормандони идораи барномаҳои иттилоотии «Телевизиони Душанбе» дар таҳияи 3 барнома саҳм мегузоранд, ки онҳо бо номҳои «Вақт», «7 рӯзи Душанбе» ва «Неделя в городе» маъмуланд. Ҳайати кадрии идораи барномаҳои иттилоотии «Телевизиони Душанбе» 13 нафар мебошанд. Сармуҳаррири идора феълан Ҳакимзода Раҳим Карим буда, 7 муҳаррир – Қандил Тоҳиров, Мунаввара Мирхолова, Саодат Тоирова, Қиёмиддин Ҳомидов, Теҳрон Файзов, Валиҷон Шарифзода ва Меҳроб Рауфзода ҳамарӯза ба инъикоси рӯйдоду чорабиниҳои гуногун ва таҳлилу баррасии мушкилоту дастоварди сокинон саҳм мегузоранд.

Телевизиони «Ҷаҳоннамо», ягона телевизиони ҷумҳуриявии иттилоотӣ, ба моҳвора пайваст буда, ҳудуди фарогирии он дар кишварҳои хориҷи дуру

наздик тақрибан 65 фоизро дар бар мегирад. «Ҷаҳоннамо» дар маҷмӯъ, аз 3 идораи эҷодӣ - идораи «Хабар», «Барномаҳои таҳлилӣ» ва «Нашри барномаҳо» иборат буда, ҳамзамон бахши хабарҳои хориҷӣ «Дунё» низ фаъолият мекунад. Муассиса бо се забон барномаҳои иттилоотии худро ба тамошобин манзур менамояд. Нашрҳои хабарии ин шабакаи телевизионӣ бо забони тоҷикӣ «Хабар», бо забони англисӣ «News» ва бо забони русӣ «Новости» унвон дошта, мунтазам аз рӯйи тартиби барномаҳо пахш мегарданд. Агар аз 24 соати барномаҳо тақрибан 16 соати он аз барномаҳои хабарӣ иборат бошад, 8 соати боқимондаро барномаҳои таҳлиливу сиёсӣ, фарҳангиву маърифатӣ ва суҳбатҳо ташкил медиҳанд, ки онҳо дар фосилаи барномаҳои «Хабар», «News», «Новости» ва «Дунё» пахш мегардад.

Дар фасли дуюми боби дуюм «**Аломатҳои типологии репортаж ҳамчун жанри журналистикаи телевизионӣ**» таҳқиқ мешаванд. Репортажи телевизионӣ типологияи васеъ дорад, ки бо зернамудҳои гуногуни ин жанри журналистика намояндагӣ мекунанд. Аз рӯйи усули пахши барнома репортажҳо метавонанд бевосита ва сабтшуда бошанд. Вобаста ба истифодаи садо низ аломатҳои типологии репортажро муҳаққиқон муайян намудаанд – онҳо ба синхронӣ ва хомӯш ҷудо мешаванд. Аз рӯйи усули пешниҳод репортаж ба шарҳшаванда ва бешарҳ ҷудо мешавад.

Мувофиқи усули ҷойгиркунии мавод репортажро ба видеорепортаж, кинорепортаж ва фоторепортаж ҷудо мекунанд.

Мо репортажро ҳамчун жанри телевизионие мешиносем, ки дар журналистика низоми васеи гуногунии типологӣ дорад ва он ба омилҳои гуногун вобаста аст. Барои мисол, усули интиқол, навъи садо, ҳамоҳангии садо ва тасвир, усули пешниҳод, ҳадаф ва ғайра.

Ба назари мо, маҳорату малакаи дастаи кормандони идораи иттилоотӣ ҷиҳати сабт ва таҳияи маводи иттилоотӣ дар ҳамаи шабакаҳои телевизионӣ, бахусус «Телевизиони Душанбе» ва «Ҷаҳоннамо» такмилу тақвият мехоҳад. Аз ҷумла, интихоби мавзуъ ва тарзи пешниҳоди хабар, қолаби сабт ва ҷобаҷогузории воқеаву рӯйдодҳо, танзим ва пешниҳоди саривақтии репортажҳо, истифодаи гуногунрангии жанрӣ ва монанди ин тамоюлҳо ба дигаргунсозӣ – навоварии эҷодӣ ва фаъолмандии бештари хабарнигорон ниёз доранд. Дар сурати рафъи чунин мушкилӣ ва омӯзиши амиқи аломатҳои типологии жанрҳо фаъолияти хабрнигорӣ дар шабакаҳои телевизионӣ боз ҳам беҳтар мегардад. Метавон баъзе хусусият ва аломатҳои типологии репортажи телевизиониро ҷустуҷӯ намуд, ки донистани он барои кормандони соҳа муҳим аст. Аз ҷумла, истифодаи барномаи Скайп (Skype) ва унсурҳои хоси он, ки метавон аз дилхоҳ нуктаи ҷаҳон ба студия паваст шуд. Ё корбурди платформаи Зум (Zoom), ки тавассути он метавон хабарро ҳамвора ба шумораи бемаҳдуди аҳолӣ интиқол дод. Ба воситаи ин барнома метавон барномаҳои гуногуни баҳсиро созмон дода шавад. Барно Соҳибова, Аҳлиддини Тоҳир ва Азизбек Мавлонов аз телевизиони «Ҷаҳоннамо» ин воситаҳои техникиро дар барномаҳои худ фаъолона истифода мебаранд.

Матни журналистӣ ҳамчун инъикоскунандаи воқеияти иҷтимоӣ вазифаҳои зиёд – иттилоотӣ, маърифатӣ, таълимӣ, ҳақиқатнигорӣ, иртиботӣ,

фаҳмондадиҳӣ, фароғатӣ ва ғайраро иҷро мекунад. Аз ин тақсимбандӣ ду вазифаи матн: иттилоотӣ ва ҳақиқатнигорӣ мансуб ба таъиноти репортаж аст. Ба ин маънӣ муҳақиқ М.Муродӣ дуруст менависад: «Дар ҷараёни таҳияи матн, жаналист на танҳо аз воқеаҳо иттилоот медиҳад, балки онҳоро маънидод мекунад, лаҳзаҳои фарогирандаи олами воқеиро ба низом медарорад»[1].

Таҳқиқ мушаххас намуд, ки унсурҳои фарққунандаи жанрҳо низ аломатҳои типологии онро бармало менамояд. Тафовути репортажи хабарӣ аз таҳлилӣ дар ҳаҷм, муқоиса ва хулосабарорӣ ба назар мерасад.

Репортаж аз ҷумлаи жанрҳоест, ки метавонад рӯйдодро нақл карда, шунавандаю бинандаро дар тасаввур яке аз иштирокдорони воқеа намояд.

Дар фасли сеюми боби дуюм «**Ҳамгироии репортажи телевизионӣ бо жанрҳои дигари телевизион**» таҳқиқ мегардад.

Истифодаи жанр ва риояи талаботи он дар замони муосир яке аз самтҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Дар журналистикаи амалии телевизион дар як маводи таҳиягардида хусусиятҳову имкониятҳои жанрҳои гуногун ба ҳам омезиш ёфтаанд. Инро метавон ба он маънидод намуд, ки дар чунин ҳолат робитаи устувор миёни жанрҳо ба миён омадааст. Дар байни жанрҳои журналистика ҳамгироии репортаж бо шарҳ бештар аст. Шарҳ аз шаклҳои маводи публитсистиест, ки дар он моҳияти воқеа, ҷараёни ҳодисаи ҷамъиятию сиёсӣ, ҳуҷҷат ва ғайра тафсир меёбад. Шарҳи телевизионӣ як унсури жанри репортаж аст. Илова бар ин, дар телевизион ин жанр ҳамчун матни овозӣ (шарҳи берун аз экран) амал мекунад.

Тафсир жанри журналистикаи таҳлилӣ аст ва бо инъикоси кофии воқеаҳо шарҳдиҳанда аз паи мақсади асосии он, пеш аз ҳама муносибат, сабабу натиҷаро қайд мекунад, байни ҳодисаҳо аз оқибатҳои эҳтимолии воқеаҳои рӯйдода сухан меронад. Тафсир дар репортаж мисли дигар шаклҳои нутқ тобеъ аст ба оғози иттилоот, яъне рӯйдод. Дар ин ҳолат унсурҳои умумӣ, воситаҳои ифодаи субъективии репортажи телевизионӣ низ мушоҳида мегардад. Чунин ҳолат на ҳамеша ба миён меояд, вале дар мавридҳои ҷудогона чунин ҳамгироии жанрҳоро метавон мушоҳида намуд. Дар ҷараёни омодасозии репортаж доир ба ҷамъоварии маблағ аз хонандагон дар муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе рӯзноманигор Қиёмиддин Ҳомидов бо сокинон дар кӯчаҳо назарпурсӣ гузаронида, бо масъулини соҳа ва омӯзгорон суҳбату мусоҳиба анҷом додааст ва илова бар ин, паҳлӯҳои дигари ин мавзуъро бо истифода аз шарҳи сокинон дар шабакаи иҷтимоии фейсбук зери эълони саҳифаи расмии Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе тафсир намудааст. Натиҷаи ин пурсиш як репортажи таҳлилӣ шудааст, ки 6 дақиқаро фаро мегирад. Ин матлаб 7 марти соли 2021 тавассути барномаи иттилоотии «Вақт»-и «Телевизиони Душанбе» пешниҳод гардид.

Дар фаъолияти журналистӣ меҳвари асосӣ факт аст. Ин ченак ҳам дар жанрҳои хабарӣ ва ҳам таҳлилӣ хос буда, он як навъ умумияти жанрҳоро нишон медиҳад, вале тарзи пешниҳод тафовути онҳоро дар миён мегузорад.

---

[1] Муродов, М. Асосҳои эҷодии журналистӣ. [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2014. – С. 84.

Дар жанрҳои таҳлилӣ сабабу омил ва оқибатҳои рӯйдод баррасӣ мешавад. Барои мисол, санаи 14 октябри соли 2021 чараёни баргузории Форуми байналмилалии сармоягузории «Душанбе-инвест-2021» тавассути барномаи «Хабар»-и телевизиони «Ҷаҳоннамо» дар шакли репортаж дар таҳияи Иброҳими Неъмат пешниҳоди аудитория гардонида шуд. Дар он ин чорабинӣ ба таври оҷил инъикос ёфт, вале шумораи шартномаву созишномаҳои баимзорасида миёни кадом корхонаҳои ватаниву хориҷӣ, маблағи ин созишномаҳо ва даромади умумии он ба гардиши савдои кишвар дар репортаж шарҳ наёфт.

Дар репортажи телевизионӣ мусоҳиба бештар дар шакли кӯтоҳ истифода мешавад. Як пораи устувори матн дар сюжет тавассути мусоҳиб ошкор мегардад. Ҳадафаи мусоҳибаи телевизионӣ ба бинанда аз забони мусоҳиб иттилоъ додан аст. Аз ин рӯ, дар репортаж низ як ҷузъи муҳимми иттилоъ тавассути масъули сохтори дахлдор бояд пешниҳод гардад, ки он бе анҷом додани мусоҳиба бо ӯ ғайриимкон аст. Зимни таҳқиқ ва таҳлили репортажҳои омоданамудаи хабарнигорони шабакаҳои телевизионии «Ҷаҳоннамо» ва «Душанбе», инчунин, суҳбат вобаст ба мавзуъ бо худи онҳо маълум гардид, ки аз мусоҳиба даст кашидани кормандони сохтору мақомоти гуногун матлаби таҳиянамудаашон якҷониба баромадааст ва ё пурра мавзуъи интихобӣ баррасӣ намешавад. Дар аксари нашрҳои хабарии телевизионҳои «Ҷаҳоннамо» ва «Душанбе» аз усули пурсиш, ки монанд ба мусоҳибаи ахборӣ аст, ҳамарӯза истифода менамоянд.

Репортажи телевизионӣ дар мавридҳои ҷудогона бо жанрҳои публитсистика, монанди очерк ва лавҳа ба ҳам иртибот мегиранд. Бо вуҷуди он, ки дар ин жанрҳо тасвир ба иттилоот бартарӣ доранд, баъзан дар репортажи телевизионӣ ҳамчун тасвири акс истифода мешаванд ва ягонагии муайяни чорчӯбаҳои ба ҳам алоқамандро таъмин мекунанд. Лавҳа арзиши бадеӣ дорад, вале дар навбати дигар, он низ ба ҳайси репортажи телевизионӣ баромад карда метавонад. Ин фаъолият асосан дар кори наворбардор зоҳир мегардад. Ӯ бояд кунҷ ва нури ифодакунандаро бодиққат интихоб намояд.

Дар хулосаи боби мазкур бояд гуфт, ки барномаҳои хабарии шабакаҳои телевизионии мо дар маҷмуъ, ба ҳам монанданд. Тафовут миёни барномаҳои иттилоотӣ бештар аз рӯйи формати шабакаҳои телевизионӣ сурат мегирад. Дар баъзе ҳолат бо истифодаи имкониятҳои муосири таҳияи барномаҳои хабарӣ онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ки он ҳам чандон барҷастагии тавофути нашрҳои иттилоотиро нишон намедиҳад.

Репортаж аз ҷумлаи жанрҳоест, ки бештар дар ҳамгирой бо унсурҳои жанрҳои дигар, аз ҷумла мусоҳиба қавӣ мегардад. Дар аксари маводи дар қолаби репортаж таҳияшуда бо мусоҳибаҳои кӯтоҳе рӯ ба рӯ мешавем, ки хабарнигорон барои тақвияти андешаи худ ва исботи даъвои ҷонибҳо аз он истифода менамоянд. Дар шароити муосир ҳамгирой миёни жанрҳо талаботи замон аст. Таҳаввул ва табодули репортаж дар мисоли телевизионҳои «Ҷаҳоннамо» ва «Душанбе» дар алоқамандӣ ба ҳолат, мавқеи муассис ва касбияти хабарнигорон ба миён омадааст.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки кормандони шабакаҳои телевизионии «Ҷаҳоннамо» ва «Душанбе» дар инъикоси воқеияти иҷтимоӣ аз имконоти жанрҳои гуногуни ахборӣ истифода менамоянд. Аммо истифодаи имконоти жанрӣ дар ин шабакаҳо яксон нест ва ҳар рӯзноманигор бо диду салиқа ва бардоштҳояш аз вижагиҳои жанрҳо матлаб омода менамояд. Маъмулан, репортаж ва ҳисобот нисбатан бештар истифода мешаванд. Ба ин маънӣ, мо репортажро дар шабакаҳои телевизионии кишвар жанри серистеъмол медонем.

Боби сеюми диссертатсия – «**Мавқеи репортаж дар телевизион»** аз се фасл иборат аст. Дар фасли якуми боби сеюм «**Истифодаи навъҳои репортаж дар телевизионҳои Тоҷикистон**» таҳқиқ мегардад.

Вобаста ба тарзи сабт ва таҳия репортажро ба ду навъ - мустақим ва сабтшуда ҷудо менамоянд, ки дар шабакаҳои телевизионии кишвар ба шакли мустақим мавод дар доираи талаботи он хеле кам пахш мегардад. Репортажи мустақим ва сабтшуда аз ҷараёни интиқоли воқеа маълум шуда меистад. Репортажҳои сабтӣ аз навъҳои хеле серистеъмоли шабакаҳои телевизионӣ, хоса дар форматҳои ахборӣ ба ҳисоб мераванд. Як навъи маъмул репортажи синхронӣ аст. Мисол, 5 марти соли 2022 дар пешниҳоди журналист Валиҷон Шарифзода аз ҷараёни тантанаҳои идона ба муносибати Рӯзи Модар дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе репортаж пешниҳод шуд, ки дар он 3 ҷузъи асосии ин жанр ба назар гирифта шудааст. Рӯзноманигор дар баробари стенд-ап ва ду синхрон воқеаро шарҳ додааст. Як пораи суруди модар зери наворҳои зебо ҳамчун интершум истифода гардидааст. Метавон гуфт, ки дар ин репортаж талаботи жанрӣ риоя шудааст. Вале ин репортаж ҳоло ҳам фарогири касбият ва талаботи бинандаи имрӯза нест, зеро нахуст он дароз буда, суханҳои умумӣ низ дорад, ки барзиёд аст, зеро ба таъкиди профессор А.Нуралиев «репортаж бояд мухтасар, фаҳмо ҷамъбаст шавад»[1].

Аз рӯйи вижагии садо репортажҳо ба беовоз ва синхронӣ тақсим мешаванд. Дар робита ба ин, «...махсусияти тасвири овоздор ду намуди репортажро ба вуҷуд овардааст: репортажи синхрон (ҷӯр) ва беовоз (гунг, сомит)[2]. Репортажи беовоз бештар ҳангоми пахши рӯйдодҳои расмӣ истифода мегардад. Ҷойгоҳи дигари истифода аз репортажҳои беовоз хабарҳо вобаста ба ҳолатҳои фавқулодда ҳастанд. «No comment»-и «Евронюс» аллакай ба ҳайси жанр шинохта мешавад – репортажҳои беовоз аз ҷойи ҳодиса. Обхезӣ, заминларза, боридани барф, таркиш ва дигар падидаҳои манфӣ мавзӯи асосии ин гӯшаи хабарӣ ҳастанд. Хабарҳои мусбат дар ҳолате беовоз нашр мегарданд, ки аз ягон падидаи басо ғайримуқаррарӣ ва ҷолиби диққат қисса кунад.

Ҳар як репортаж хусусияти худро дорад ва истифодаи ҷузъиёти муҳимми он ба манфиати кор аст. Дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» мавзуъҳои варзишӣ низ пайваста дар қолаби жанри репортаж мавриди инъикос қарор мегиранд. Ҷумъа Қуддус ин навъро "репортажи варзишӣ" унвон медиҳад[3]. Вобаста ба объекти

[1] Нуралиев, А. Жанрҳои ахбории матбуот [Матн] / А. Нуралиев. – Душанбе, 2004. – С. 109.

[2] Саъдуллоев, А. Асосҳои журналистикаи телевизион [Матн] / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2010. – С. 59.

[3] Қуддус, Ҷ. Асосҳои журналистикаи телевизион. Дастури таълимӣ [Матн] / Ҷ. Қуддус. – Душанбе, 2008. – С. 55.

инъикосшаванда ва мавзӯи он дар баъзе маврид навъҳои репортажро аз ҳам ҷудо менамоянд. Барои мисол, репортажи варзишӣ, тиббӣ, идона, истеҳсолӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоиву маърифатӣ. Аммо ба таъкиди профессор Мурод Муродӣ, ин навъи репортажҳо байни худ чандон фарқи аслӣ надоранд.

Зиёд шудани чунин репортажҳо "барои пайдо намудани мавқеи муносиби шабакаҳои телевизионӣ ва ба ин васила, таъмини касбияти хабарнигорон"[1] ба миён меояд. Дар амалияи кори телевизион мушоҳида мегардад, ки имрӯз навъҳои дигари репортаж низ ба миён омадаанд ва он натиҷаи рушду пешрафти ҷомеа ва дастрасӣ ба технологияи замонавию омӯзиш бо фарогирии журналистикаи кишварҳои хориҷ аст. Маъмултарини он репортажи мобилӣ, селфӣ-репортаж, қаҳрамонсозӣ дар репортаж ва амсоли он аст, ки мутаассифона аз ҷониби хабарнигорони мо истифода чашмрас надорад.

Яке аз сабабҳои кам истифода шудани чунин навъҳо норасоии дастгоҳҳои техникӣ аст. Сабаби дигарро ба касбият ва маҳорати хабарнигорон метавон нисбат дод. Хабарнигорони мо дар бештари маврид ба таври қолабӣ ва якрангу якмаром репортаж омода менамоянд. Истифодаи чунин навъҳои замонавии репортаж барои онҳо бегона аст. Дар чунин ҳолат зарур аст, ки кормандони идораи барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионӣ ба омӯзиш фаро гирифта шаванд ва ё ба худомӯзӣ машғул бошанд. Барои омӯзиши таҷриба дар сомонаҳои интернетӣ тамоми имконият ва маълумот мавҷуд аст.

Фасли дуюми боби сеюм «**Баррасии репортажҳои рӯйдодӣ-хабарии телевизиони "Ҷаҳоннамо"»** ном дорад. Дар барномаҳои иттилоотии «Ҷаҳоннамо» бештар репортаж аз макони баргузории чорабиниҳои гуногун ва рӯдоду воқеаҳо, ба монандаи садамаи нақлиётӣ, сохтмони иншооти таъиноташ гуногун ва амасоли он таҳия карда мешавад. Маъмулан, дар репортажҳои рӯйдодӣ-хабарӣ бештар муаллиф фаъол буда, аз ҷараёни рӯдодҳои муҳимме ба монанди ифтитоҳи корхонаҳои гуногунтаъинот, рух додани ҳодисаҳои нохуши табиӣ, садамаҳои нақлиётӣ, мусобиқаҳои варзишӣ ва монанди ин маълумот манзури бинандаи шабакаи телевизионӣ гардонида мешавад.

Ба андешаи мо, тафовути репортажи рӯйдодӣ - хабарӣ аз мавзӯӣ - таҳлилӣ дар ҳаҷм (ҳаҷми репортажи таҳлилӣ васеъ аст), муқоиса ва хулосабарорӣ ва объекти инъикоси он ба назар мерасад. Агар сухани журналист дар репортажи хабарӣ барои ворид шудан ба сухани мусоҳиб кӯмак намояд, дар репортажи таҳлилӣ он муҳтавои андешаи коршиносро барои шунаванда бозгӯӣ менамояд.

Ҳамарӯза дар нашрҳои хабарии телевизиони «Ҷаҳоннамо» доир ба рӯйдодҳои гуногуни дохилу хориҷи кишвар дар қолаби жанри репортаж мавод таҳия карда мешавад. Вале на ҳамаи онҳо ҷавобгӯи пурраи талаботи ин жанр мебошад. Дар барномаи иттилоотии «Хабар» аз ҷараёни як рӯйдод – ба истифода додани фермаи чорводории «Абдураҳим Юсуфов» хабарнигори шабакаи телевизиони «Ҷаҳоннамо» репортаж омода намудааст[2]. Ин рӯйдод, ки асоси таҳияи репортажи телевизионӣ гардидааст, зимни сафари кории роҳбари

---

[1] Хамидиён, И. И. Содержательное и жанровое многообразие на таджикском телевидении [Текст] / И. И. Хамидиён, Б. А. Абдурахим. – Душанбе, 2019. – С. 167.

[2] Барномаи «Хабар» / Телевизиони «Ҷаҳоннамо». – 5 ноябри соли 2019.

давлат ба шаҳри Ҳисор ба вуқӯъ омадааст. Дар идома репортёр доир ба таърихи таъсис, муассис, ширкати сохтмонӣ, корхонаи лоиҳакашӣ, масоҳати умумии хоҷагӣ ва фармоишгари иншоот, мавҷудияти намудҳои гуногуни чорво дар ин ферма иттилоъ манзур намудааст. Муаллиф бо чанд ҷумла андешаи мутахассиси хориҷиро шарҳ дода, доир ба ҳайати кадрӣ, шароити майишӣ ва амсоли ин фикри худро тақвият бахшидааст. Дар идома муаллиф Парвиз Аминов доир ба нақшаҳои ояндаи роҳбарияти корхона ва бунёди корхонаҳои дигари тавлидотӣ ба бинанда маълумот пешниҳод менамояд. Дар ин қисмати репортаж низ барои тақвияти матни паси кадр андешаи масъулини хоҷагӣ ҷой дода шудааст. Давомнокии репортаж 7 дақиқа аст. Бо сабаби он, ки таъсиси чунин корхонаҳо дар рушди бахши иқтисод муҳим аст ва ҳамзамон, ифтитоҳи он бо иштироки бевоситаи Роҳбари давлат сурат гирифтааст, дар чунин ҳаҷм таҳия намудани репортаж бад нест. Вале барои репортаже, ки дар дохили барномаи ахбор пахш мешавад, 7 дақиқа зиёд аст.

Баргузории чорабиниҳои гуногун, аз ҷумла олимпиадаҳои фаннӣ миёни хонандагон аз ҷумлаи рӯйдодҳоест, ки он низ дар бештари маврид объекти асосии таҳияи репортаж барои хабарнигорони телевизиони «Ҷаҳоннамо» аст. Дар репортаже, ки санаи 15 майи соли 2017 тавассути ин шабакаи телевизионӣ пахш шудааст, муаллиф доир ба ҷамъбасти олимпиадаи мактабӣ дар шаҳри Душанбе маълумот манзур намудааст. Матни паси кадр, гузоштани садои тақвиятдиҳанда (интершум) ва андешаи масъулину ширкатдорон бо риояи услуби хос ва мувофиқ ба талаботи жанри репортаж истифода шудааст, ки анҷоми ин амал аз журналистон маҳорати хосаро талаб мекунад, ки на ҳамеша рӯзноманигорон ба он муваффақ мешаванд.

Мавзуъҳои варзишӣ низ пайваста дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» тавассути имкониятҳои жанри репортаж мавриди инъикос қарор мегиранд. Қисмате аз репортажҳои рӯйдодӣ-хабарӣ дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» аз рӯйи оиномаи фаъолияти шабакаи телевизионӣ бояд фарогири кишварҳои хориҷ бошад. Ин бахш дар телевизиони мавриди назари мо фаъол аст, вале аксаран дар доираи жанри хабар мавод омодаву пахш мешавад. Зеро бо сабаби нокифоя будани имконияҳои молиявӣ телевизион дар кишварҳои хориҷ бунгоҳҳои хабарии худро надорад. Журналистон танҳо хабарҳоро аз сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои дигари телевизионӣ дастрас ва тарҷумаву пахш менамоянд.

Бинанда журналистро дар чунин мавридҳо ҳамчун қаҳрамони асари театрӣ мебинад, ё ӯ чун қаҳрамони асари бадеӣ ба чашм мерасад. Вақте тамошобин пайдо шудани рӯзноманигорро дар экран мехоҳад, интизорӣ мекашад, ба сухани ӯ, фикру андешаи ӯ бовар дорад, чун шореҳи проблемаҳои рӯз ӯро интизор аст, ин нишонаи дараҷаи олии касбият аст. Чунин таъриф танҳо тавассути стенд-ап дар жанри репортаж амалӣ мешавад, ки мутаассифона, дар иҷрои он рӯзноманигорони бахши иттилоотии телевизиони «Ҷаҳоннамо» камҳавсалагӣ мекунанд. Аз 10 репортажи таҳлилшуда танҳо дар яктои он стенд-апи журналист ҷой дошт.

Фасли сеюми боби сеюм «**Таҳқиқи репортажҳои мавзӯӣ-таҳлилӣ дар телевизиони «Душанбе»** унвон гирифтааст.

Дар сохтори Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе» вазифаи иттилоотӣ ба дӯши идораи барномаҳои иттилоотӣ аст, ки дар он сармуҳарир ва 7 муҳаррир кор мекунанд. Маҳсули фаъолияти онҳо ҳамарӯза тавассути барномаи иттилоотии «Вақт» пахш мегардад. Қисми бештари маводи дар барнома нашршаванда дар қолаби ҳисобот омода мешавад, вале он ҳамчун репортаж дар эфир муаррифӣ мегардад. Зеро аксаран аз ҷараёни баргузории ин ё он чорабинии гуногунсатҳ, ба монанди Иҷлосияи навбатии маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, машварати омӯзиши маорифчиёни пойтахт, ҷаласаи солонаи ҳисоботӣ-интихоботии сохтору мақомоти шаҳрӣ ва монанди инҳо таҳия мегарданд.

Дар «Телевизиони Душанбе» маводе низ нашр мешавад, ки дар қолаби жанри репортаж омода шудааст. Репортажи телевизионӣ бояд объектеро инъикос кунад, ки он фарогири амалу ҳаракат ё баррасикунандаи мушкили ин ё он соҳа бошад. Таҳқиқ нишон дод, ки то соли 2012 нашри репортажҳои таҳлилӣ дар барномаи иттилооти телевизиони шаҳрӣ нисбат ба имрӯза бештар будааст. Ин ҷо ба як нукта равшанӣ андохтанро зарур мешуморем. Он вақт ин шабака «Телевизиони Пойтахт» ном дошт ва барномаи хабарӣ зери унвони «Паём» таҳия ва нашр мешуд. Аз соли 2013 барномаи иттилоотӣ ба «Вақт» ивази ном кард ва дар асоси қарори Раиси шаҳри Душанбе «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 6 сентябри соли 2006» аз 28 марти соли 2017 номи Муассисаи давлатии «Телевизиони Пойтахт» ба Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе» иваз карда шуд.

Барориши саривақтии партовҳо, тозагии муҳити зист, таъмирталаб будани роҳи дохили шаҳраку маҳаллаҳои пойтахт, норасоии оби нӯшокӣ ва бо фишорӣ зарурӣ интиқол наёфтани он ба биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ аз мавзуъҳои дигарест, ки доир ба он пайваста репортажҳои таҳлиливу танқидӣ таҳия ва пахш мешаванд. Баррасии барномаҳои давоми 5 соли охир пахшудаи ин шабакаи телевизионӣ нишон дод, ки дар ин мавзуъ низ назар ба солҳои қаблӣ торафт репортажҳои таҳлилӣ камтар омода мешаванд.

Солҳои охир репортажҳои телевизионӣ ағлаб якҷониба омода мешаванд ва иштироки бевоситаи муаллиф, ки талаботи асосии ин жанр аст, камранг ба мушоҳида мерасад.

Дар барномаҳои хабарии телевизион ноҷурии овоз ва тасвир ба назар мерасад. Барои мисол дар наворе, ки тавассути барномаи «Вақт» пахш шудааст, мебинем, мо синфхонаҳои мактабро аз ҷараёни машғулиятҳои таълимӣ мебинем, вале хабарнигор доир ба захираи ангишту ҳезум ва сӯзишворӣ сухан меронад. Ҳамингуна мисолҳоро дар репортажҳои таҳлилии тавассути «Телевизиони Душанбе» пахшшуда низ мушоҳида намудем. Дар репортажи телевизионӣ, ки дар бораи танзими нархи маҳсулот дар бозор ва андешидани тадбирҳои мусоидаткунандаи он аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе санаи 16 апрели соли 2021 дар барномаи «Вақт» пахш шудааст, муаллиф доир ба захираи маҳсулоти ниёзи аввалия дар анборҳои сохторҳои шаҳрӣ сухан мегӯяд, вале дар навор ҳолати умумии бозор нишон дода мешавад. Агар корманди идораи барномаи иттилоотӣ аз наворҳои захирагоҳҳои корхонаҳои шаҳрӣ истифода мекард, ҳам сифати мавод ва ҳам

ҷанбаи таъсирнокии репортаж беҳтар мешуд. Муҳаққиқон ба он назаранд, ки сарфи назар аз шаклу усули таъсиррасонӣ, симо ва садо дар ҷомеа вазифаи бузурге – ташаккули ҷаҳонбинии инсонро ба ҷо меоваранд[1].

Дар бештари репортажҳои барномаҳои телевизионӣ пешгӯии уҳдадорӣ ва ё пешгӯии ваъда ба назар мерасад. Барои ҳалли мушкилоти баррасишуда масъулини соҳа ваъда медиҳанд. Зимни пажӯҳиш ба репортажҳое, низ дучор омадем, ки дар онҳо аз иҷрои ваъдаҳои қаблӣ иттилоъ манзур гардидааст. Репортаж на дар хусуси воқеаи ҳаррӯза балки дар хусуси воқеаи нави аҳаммияти иҷтимоидошта таҳия мегардад. Воқеаи нав ду хел мешавад: коре, ки аввалин бор ба амал омадааст ва дигаргуние, ки дар амали куҳна пайдо шудааст. Ҳарду ҳам сабаби таҳияи репортаж мешаванд. Дар репортажи журналист Умед Саъдуллоев норасоии автобусҳои мусофирбар дар хатсайри №37 ҳамаҷониба баррасӣ гардидааст[2]. Репортаж дар заминаи шикояти сокинон омода шудааст. Дар он, дар баробари андешаи сокинон, мусоҳибаи муовини директори КВД «Автобуси » низ ҷой дорад, ки аз қатъият ҳалли ин мушкилӣ дар рӯзҳои наздик огоҳӣ медиҳад. Дар жанри репортаж саволу ҷавоб, муколама, нақл монологҳо вуҷуд дошта метавонанд. Аммо онҳоро ҳамчун жанри мусоҳибаи дохилӣ, репортаж, ё риоя нашудан, вайрон шудани сохтори репортаж низ қабул кардан даркор нест, хосса дар мисоли репортажҳои мавзуӣ-таҳлилӣ, зеро мавҷудияти унсурҳои зикршуда хусусияти таҳлилӣ ва таъсиррасонии маводи телевизионӣ камранг мешавад. Аз ин рӯ, порчаҳои муколама, саволу ҷавоб дар аксарияти жанрҳо, аз ҷумла репортаж чун қисми таркибии ҳамон жанр, чун як ҷузъи он истифода мегардад.

Метавон гуфт, ки дар телевизионҳои «Ҷаҳоннамо» ва «Душанбе» навъҳои маъмулии репортаж бештар истифода мешаванд ва то ҳол имкониятҳои пурраи он корбурда нагардидааст. Дар Муассисаи давлатии телевизиони «Ҷаҳоннамо» бештар ба репортажҳои рӯйдодӣ-хабарӣ таваҷҷуҳ зоҳир мегардад, вале он ҳам аксаран бе риояи талаботи пурраи жанр омода мешавад. Дар самти таҳияи репортажҳои таҳлилӣ фаъолмандии хабарнигорон зоҳир намешавад. Дар баробари инъикоси чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ дар қолаби репортажҳои рӯйдодӣ-хабарӣ, ҳамзамон вобаста ба фаъолияти сохторҳои шаҳрӣ ва ҳаёти сокинони пойтахт аз ҷониби хабарнигорони барномаи иттилоотии «Вақт»-и «Телевизиони Душанбе» маводи таҳлилӣ омода мешавад. Ин гуна матлаб аксаран дар қолаби жанри репортаж таҳия мегардад, вале он ҳам на ҳамеша фарогири мавзуъҳои рӯзмарра аст. Вобаста ба талаботи сиёсати давлатӣ дар самти иттилоърасонӣ ва бо назардошти шабакаҳои давлатӣ будани ин ду муассисаи телевизионӣ фаъолияти кормандони идораҳои иттилоотӣ дар маҷмӯъ, қобили қабул аст, аммо дар самти баланд бардоштани касбияти кормандон бояд тадбирҳои судманд ва иловагӣ амалӣ карда шаванд.

---

[1] Давронов, Д. Ҷаҳони мусоир: мавқеи садо ва симо [Матн] / Д. Давронов. Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2012. – С. 11.

[2] Барномаи «Вақт» / Телевизиони «Душанбе». – 18 ноябри соли 2020.

# ХУЛОСА

Дар раванди бунёди ҷомеаи муосир, ташаккули ҷаҳонбинии васеъ воситаҳои иттилоот, радио ва телевизион ҳамчун оинаи ҳаёти ҳаррӯзаи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии мамлакат фаъолона саҳм мегузоранд.

Афкори умумии мардум нисбат ба давлат бояд мусбат ташаккул дода шавад, ҳарчанд ин кор на характери маҷбурӣ, балки тавсиявиро мегирад, бо вуҷуди ин, шабакаҳои давлатии телевизионӣ дар ин самт бояд иқдомҳои ҷолибтар рӯйи кор оранд.

Дар телевизион робитаи мустақими муаллиф бо объект (қаҳрамонон) талаботи аслӣ мебошад. Аломатҳои телевизион ҷустуҷӯйи роҳу воситаҳои дахолати фаъолона ба сарнавишти инсон, таҳқиқи хислат ҳамчун факт ва воқеа ба мушоҳида мерасанд. Дар телевизион ҳаводисе рӯй меояд, ки интихобан рӯйи навор бардошта мешаванд, яъне онҳо на намои воқеии назди камера, балки саҳна ва сужаҳои бошуурона инъикосёфта ё навори пайванддида аст ва табиист, ки аз завқи шахси эҷодкор тавлид гаштааст.

Телевизион ҳамчун воситаи электронии ахбор сол аз сол мавқеи худро дар байни дигар ВАО устувортар мегардонад. Телевизион на танҳо дар равиши инъикоси афкори иттилоотӣ таҳавуллоти бузург ба амал овард, балки ҳамчунон шакл ва натиҷаи таъсирро ба афкори иҷтимоӣ хеле баланд бардошт.

Маҳз қавӣ гардидани шабакаҳои давлатии телевизионӣ имкон медиҳад, ки мо фазои иттилоотиро аз барномаҳои солиму пурмуҳтаво ғанитар гардонида, шабакаҳои ғайридавлатиро водор созем, то сабку услуб ва тарзи пешниҳоди барномаҳояшонро шаклан ва мазмунан беҳтар намоянд. Телевизион нерӯи бузург аст, ки ба таҳкими ваҳдати миллӣ, пешрафти нақшаҳои бузурги созандагӣ ва амалӣ гардидани ормонҳои бунёди як кишвари соҳибистиқлолу озодаи демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат мекунад.

Дар замони муосир роҳҳои гуногуни расонидани иттилоъ шакл гирифтааст. Дар шароити пуртазоди ҷомеа ҳамон расонаҳое метавонанд пешсаф бошанд, ки аз усулҳои муосир ва роҳҳои гуногуни расонидани иттилоъ ба ҷомеа бархӯрдоранд. Дар ин миён телевизион ҳамчун воситаи пешсаф иттилоърасонӣ истисно буда наметавонад. Албатта, ба роҳ мондани равиши фаъолияти шабакаҳои телевизионӣ ба маҳорати кормандони он иртиботи сахт дорад.

Яке аз бахши муҳимми кор дар шабакаҳои телевизионӣ фаъолияти идораи барномаҳои иттилоотӣ мебошад, зеро таваҷҷуҳи бештари бинанадагон ба намоишҳои хабарӣ равона мегардад.

Дар шароити имрӯза навиштаҳои рӯзноманигорон аз нигоҳи шакл, усул, услуб ва жанр такмил меёбад. Тавре аз таҳқиқ маълум гардид, сол аз сол тарзи пешниҳод, истифодаи имкониятҳои жанрӣ ва воситаҳои ҷолибсозии маводи телевизионӣ дигаргун мегардад. Дар ин радиф кормандони барномаҳои иттилоотии «Хабар»-и телевизиони «Ҷаҳоннамо» ва «Вақт»-и «Телевизиони Душанбе» талош намуданд, ки ҳамқадами замон бошанд ва дар доираи талаботи ҷомеаи имрӯза мавод омода намоянд. Вале на дар ҳама ҳолат ба он муваффақ шудаанд.

Зимни таҳқиқ ва таҳлили маводи бойгонии шабакаҳои телевизионӣ аён гардид, ки аз замони таъсис то ба имрӯз кормандон пойбанд ба рисолати аслии худ расонидани иттилоъ буданду ҳастанд.

Дар баробари ин, ҳамоно дар танзиму фаъолияти наворбардорӣ, интихоби мавзуъ, омода намудани сюжет камбудӣ ба мушоҳида мерасад. Ҳамчунин, такрори матнҳо ва қолабӣ будани онҳо низ аз саҳлангории кормандон шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин аксарият хабарнигорон талош мекунанд, ки дар таҳияи репортаж ҷолибият ва мубрамияти мавзуъро таъмин созанд. Чунин кӯшишҳо агар ба таври дастаҷамъӣ сурат гирад, фаъолияти нашрҳои хабарӣ боз ҳам беҳтар мегардад. Ин албатта, аз кормандони шабакаҳои телевизионӣ талоши бештарро мехоҳад.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки дар шабакаҳои телевизионӣ дар пахши ахбор бештар аз қолаби репортаж истифода мекунад. Аммо бештари маводи дар қолаби ин жанр омодашуда якнавохту қолабӣ ҳастанд. Сабаби чунин ҳолат, агар аз як ҷониб, натиҷаи бемасъулиятии хабарнигорон бошад, аз тарафи дигар, накду баррасӣ нагардидани нашрҳои хабарӣ дар доираҳои илмиву пажуҳишӣ мебошад. Тавре мушоҳида шуд, аксаран бинандагон андешаҳои худро дар шакли кӯтоҳ ва бархе дар ғояти эҳсос доир ба фаъолияти шабакаҳои телевизионӣ дар саҳифаҳои иҷтимоӣ баён менамоянд. Аммо ин андешаҳо чандон ба манфиати кормандони шабакаҳои телевизионӣ нестанд.

Аз баррасии мавзуъ ва ҷустуҷӯҳои илмӣ маълум гардид, ки истифодаи жанри репортаж дар ду шабакаи телевизионӣ - «Ҷаҳоннамо» ва «Душанбе» ба таври васеъ истифода шавад ҳам, аз нигоҳи касбият ва ҷанбаҳои эҷодӣ дар таҳияи ин жанр тағйироти чашмгире ба мушоҳида намерасад **[5-М].**

Новобаста ба ин, беҳтар шудани сифати репортажҳои телевизионӣ дар чанд самт ба назар расида муайян шуд, ки албатта он натиҷи талоши кормандони эҷодӣ аст:

- шаклҳои нави таҳияи репортаж бештар дар тарғиби дастоварду рушди бахшҳои гуногуни хоҷагии халқ ба мушоҳида гирифта мешавад **[3-М];**
- дар репортажҳои таҳлилии хабарнигорони барномаи иттилоотии «Вақт»-и «Телевизиони Душанбе» баррасии мушкилоти сокинон расидагӣ ба он ва вокуниши сохтору мақомоти шаҳрӣ ба ин масъала дар сатҳи зарурӣ сурат мегирад **[1-М], [6-М];**
- дар барномаҳои иттилоотии Муассисаи давлатии телевизиони «Ҷаҳоннамо» робитаи мустақим ва пешниҳоди репортаж аз ҷараёни рӯйдоду воқеаҳои муҳим шоистаи таҳсин аст, ҳарчанд дар ин замина камбудиҳои назаррас низ ба мушоҳида мерасад **[2-М];**
- дар таҳияи репортажҳои телевизионӣ дастрасии бештари кормандон ба дастгоҳу техникаҳои муосир ва истифодаи самараноки он аз афзалиятҳои кори эҷодӣ маҳсуб меёбад **[3-М];**
- дар таҳияи репортаж ба назар гирифтани имкониятҳои жанрӣ ва истифодаи унсурҳои жанрҳои гуногуни хабарӣ ҳамеша аз манфиат холӣ нест. Ин усул боиси ҷолибӣ ва муассирии репортаж мегардад **[4-М];**

Барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии мавриди таҳқиқ бо вуҷуди таҷдиду такмилёбиашон то ҳол аз камбудиву норасоиҳои орӣ нестанд.

Дар ин зимн, зикри чанд нуктаи онро муҳим медонем:

- ҳанӯз ҳам баррасии масъалаҳои доғи рӯз ва инъикоси он дар шабакаҳои телевизионӣ ба таври бояду шояд сурат намегирад **[7-М];**
- сифати пасти танзими барномаҳо,ба сифати паст сурат гирифта, хосса мувофиқати матн бо навор дар мавридҳои зиёд мешоҳида намешавад, ҷӯстуҷӯи роҳҳои муассири таҳияи репортажҳои телевизионӣ камтар эҳсос мешавад **[3-М];**
- дар репортажҳои таҳлилӣ қаҳрамонсозӣ ҳамчун чузъи муҳимми он хеле кам ба назар мерасад **[1-М],** дар аксарияти репортажҳо матнҳо такрор шуда, унсурҳои жанрсоз пурра риоя намешаванд **[5-М];**
- дар нашрҳои хабарии ин ду шабакаи телевизионӣ имкониятҳои техникӣ ва эҷодӣ пурра истифода намешавад, ки боиси камтаваҷуҳии бинандагон гардидааст. Аз ҷумла, имкониятҳои васеи шабакаҳои иҷтимоӣ ва ба ин васила барқарор намудани робитаи мустақим тамоман ба мушоҳида нарасид **[4-М], [6-М].**

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Чанд пешниҳод барои беҳтарсозии сифати нашрҳои хабарӣ ва ҷолиб таҳия гардидани репортажҳои телевизионӣ манзур мегардад:

1. Телевизион бояд ба таҳия ва пахши барномаҳое пешниҳод намояд, ки завқи зебоипарастӣ, маънавиёт ва сатҳи маърифатнокию фарҳангии мардумро баланд бардорад ва наслҳои ояндаро дар рӯҳияи баланди ахлоқӣ, худшиносии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ тарбия намояд. Мутаассифона, омилҳои номбурда ҳанӯз дар шабакаҳои давлатии телевизионӣ камтар таблиғ мешаванд.
2. Таҳияи барномаҳои давлатӣ роҷеъ ба таблиғ ва пуштибонӣ аз манфиатҳои миллӣ бояд мақоми хоса касб намояд. Барномаи мазкур моҳиятан бояд тамоми самтҳои журналистикаи телевизионро фаро гирад. Ҳамзамон, худдорӣ кардан аз интихоби мавзуъҳои камарзиш ё такрор. Баъзан мушоҳида мешавад, ки мавзӯи интихобшуда ҷавобгӯи талаботи рӯз нест.
3. Бештар намудани репортажҳои таҳлилӣ доир бо тарзи интихоби мавзуъҳои актуалӣ ва истифодаи назари коршиносон дар баррасии проблемаи мавҷуда. Дар репортажҳои таҳлилӣ баъд аз матраҳ намудани мавзуъ ва шарҳи воқеа бештар факт истифода шуда, ба андеша такя карда нашавад. Ҳангоми таҳлил суханҳои бисёру ба мавзуъ дахлнадошта истифода бурда нашавад.
4. Кормандони идораи барномаҳои иттилоотиро мебояд аз таҷриба ва маҳорати хабарнигорони фаъоли шабакаҳои телевизионии кишварҳои дигар бештар омӯзанд. Дар ин баробар фаъолияти наворбардорӣ, коргардонӣ ва танзимгариро омӯхтани кормандони нашрҳои хабарӣ ҳатмист. Зеро кори фаврии шуъбаи ахбор дар шароити кунунӣ на ҳама вақт имконият медиҳад, ки хабарнигорон бо дастаи мукаммали корӣ фаъолиятро пеш баранд.

Бинобар ин, мухбирон мувaззафанд, ки асосҳои фаъолиятҳои дигареро, ки ба ҷараёни кор вобастагӣ дорад, аз худ намоянд. Дар шароити муосир аз ҳар як корманди шабакаҳои телевизионӣ тақозо мешавад, ки бояд ҳамеша омодаи фаъолият бошанд.

5. Хабарнигорон дар раванди таҳияи репортаж бояд аз интихоби мавзуъҳои камарзиш даст кашанд ва масоили доғу мубрами рӯзро баррасӣ намоянд. Дар интихоби коршиносон низ бояд огоҳона рафтор намоянд.
6. Роҳандозӣ намудани нашрҳои мустақим аз ҷойи ҳодиса бо истифодаи дастгоҳҳои муосири техникӣ бартарияти репортажро таъмин мекунад. Бо истифодаи як дастгоҳҳои хурди фиристандаи мавҷ ва дастгоҳи наворбардорӣ имкон аст, ки аз дилхоҳ минтақаи кишвар мустақиман ба студияи марказии телевизион пайваста гардид. Истифодаи ин усули таҳияи репортаж нуфузи шабакаҳои «Ҷаҳоннамо» ва «Душанбе»-ро боло хоҳад бурд.
7. Дастрасӣ ба техника дар ҳама марҳалаҳои рушди телевизион муҳим аст. Бо гузашти ҳар сол дар заминаи истеҳсоли технологияҳои муосир талабот ба дастгоҳҳои наву замонавӣ пеш мебояд. Мустаҳкам намудани заминаи техникии шабакаҳои телевизионӣ амри саривақтӣ ва зарурӣ дониста мешавад.
8. Ба хотири огоҳона ва касбӣ баррасӣ намудани мушкилоту норасоиҳои иҷтимоӣ саривақт аз ҷойи ҳодиса, омода намудани репортаж аз ҷойи ҳодиса, истифодаи усулҳои ҷолиб тарбияи кадрҳои дорои касбияти баланд мустаҳкам намудани заминаи моддиву техникии шуъбаю факултетҳои рӯзноманигории муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ҷалби мутахассисони баландихтисос ва ботаҷриба ба раванди таълим ва ба роҳ мондани такмили ихтисоси кормандон дар дохилу хориҷи кишвар муҳим аст.
9. Ба хотири дуруст, воқеъбинона ва моҳирона ба риштаи таҳқиқ кашидани масоили гуногун дар телевизион омодасозии кадрҳои баландихтисоси журналистӣ, мустаҳкам намудани заминаи моддиву техникии шуъбаю факултетҳои дахлдор дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ҷалби мутахассисони баландихтисос ва ботаҷрибаи соҳа ба раванди тарбияи кадрҳо, ҷорӣ кардани усулҳои нави таълим, ташкили студияҳои таълимӣ, ба роҳ мондани такмили ихтисоси кормандон дар дохили мамлакат ва хориҷ аз он аз қабили ҳамин гуна самтҳои асосӣ мебошанд.

# НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**[1-М]** Ҳакимзода Раҳим Карим. Мавқеи репортажҳои мавзӯӣ-таҳлилӣ дар барномаи «Вақт»-и телевизиони «Душанбе» [Матн] / Р. К. Ҳакимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 4. – С.257-264.

**[2-М]** Ҳакимзода Раҳим Карим. Баррасии репортажҳои рӯйдодӣ-хабарӣ дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» [Матн] / Р. К. Ҳакимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 5. – С. 284-291.

**[3-М]** Ҳакимзода Раҳим Карим. Хусусиятҳои эволютсионии техника ва технологияҳои телевизионии ватанӣ [Матн] / Р. К. Ҳакимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 1. – С.288-294.

**[4-М]** Ҳакимзода Раҳим Карим. Заминаҳои иваз шудани алгоритми ҷамъоварӣ ва паҳн кардани иттилоот дар заминаи технологияи рақамӣ [Матн] / Р. К. Ҳакимзода // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2022. – № 1 (57). – С. 108-119.

**[5-М]** Ҳакимзода Раҳим Карим. Унсурҳои ҳамгироӣ ва иртиботи репортажи телевизионӣ бо жанрҳои дигари телевизион [Матн] / Р. К. Ҳакимзода, И. И. Ҳамидиён // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2022. – № 2. – С. 99-108.

## II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

**[6-М]** Ҳакимзода Раҳим Карим. Мавқеи репортажҳои мавзӯӣ дар барномаи «Вақт»-и телевизиони «Душанбе» [Матн] / Р. К. Ҳакимзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи матбуоти даврӣ дар мавзӯи «Журналистикаи минтақавӣ дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию комммуникатсионӣ» (11 марти соли 2021). – Хуҷанд, 2022. – 196 с. – С. 140-144.

**[7-М]** Ҳакимзода Раҳим Карим. Истифодаи навъҳои репортаж дар телевизионҳои Тоҷикистон [Матн] / Р. К. Ҳакимзода // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад» (18 марти соли 2022). – Душанбе, 2022. – 312 с. – С. 94-103.

ГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ
«ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ИНСТИТУТ КУЛЬТУРЫ
И ИСКУССТВА ИМЕНИ МИРЗО ТУРСУНЗАДЕ»

*На правах рукописи*

УДК: 07:659.148.4 (575.3)

**ХАКИМЗОДА РАХИМ КАРИМ**

# РАЗВИТИЕ ЖАНРА РЕПОРТАЖА НА ТЕЛЕВИДЕНИИ (на примере ТВ «ДЖАХОННАМО» и ТВ «ДУШАНБЕ»)

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертации на соискание учёной степени
кандидата филологических наук по специальности
10.01.10 – Журналистика

Душанбе – 2023

**Диссертация выполнена на кафедре телевидения и радиовещания факультета журналистики телевидения и радио Государственного образовательного учреждение «Таджикского государственного института культуры и искусств имени Мирзо Турсунзаде»**

**Научный руководитель:** **Хамидиён Илхомджон Иномзода,** кандидат филологических наук, доцент кафедры телевидения и радиовещания Таджикского национального университета

**Официальные оппоненты:** **Муллоев Шариф Боқиевич,** доктор филологических наук, профессор заведующий кафедрой печатных СМИ и PR Межгосударственного образовательного учреждения высшего образования «Российско-Таджикский (Славянский) университет»

**Рахимджон Хушдил,** кандидат филологических наук, главный редактор Государственного учреждения журнала «Илм ва ҳаёт»

**Ведущая организация**: Государственное образовательное учреждение «Бохтарский государственный университет имени Носири Хусрава»

Защита диссертации состоится «21» сентября 2023 года, в 13:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-020 при Таджикском национальном университете (адрес: город Душанбе, Буни Хисорак, учебный корпус №10, зал ученого совета факультета филологии).

С диссертацией можно ознакомиться в центральной библиотеке Таджикского национального университета (734025, город Душанбе, проспект Рудаки, 17) и на сайте www.tnu.tj.

Автореферат разослан «___» __________ 2023 года.

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета**
**доктор филологических наук** **Сироджиддини Эмомали**

# ВВЕДЕНИЕ

Диссертация посвящена исследованию развития жанра репортаж на телевидении «Джахоннамо» и «Душанбе».

**Актуальность темы исследования**. В системе СМИ, несмотря на бурное развитие интернет-журналистики, телеканалы остаются важным и доступным для граждан источником информации. Поэтому считается важным изучение и исследование различных его ветвей в современных условиях. Роль средств массовой информации, особенно телевидения, в укреплении основ государства, развитии различных слоев общества, формировании общественного мнения, анализе и рассмотрении проблем общества, широком отражении достижений властных структур и органов и жителей страны очень велика. Научная проработка данной темы и изложение необходимых заключений создают благоприятную основу для совершенствования их деятельности.

Телевидение – неотъемлемая часть нашей жизни. Её также можно назвать институтом общественной жизни. Наша страна объявлена социальным государством и привержена обеспечению достойных условий жизни и свободного развития для каждого человека. На основе социального принципа государства возникли новые отношения между гражданином и государством, целью которых является поэтапное повышение уровня жизни населения страны. В этом контексте необходимо особо отметить об особой заслуге Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона.

Поэтапное решение вопросов общественной жизни страны является одним из приоритетных направлений внутренней политики государства. В этом ключе телевидение играет очень важную роль в своевременном и эффективном освещении этих целей.

По сравнению с другими СМИ работа на телевидении носит совместный или коллективный характер. Телевидение – это не только творческая редакция, но и техническая деятельность. Такой фактор стал основанием для большего количества исследовательских работ, относящихся к одному сектору телевизионной деятельности.

Репортаж является одним из стержневых жанров телевизионной журналистики. Можно сказать, что история тележурналистики – это процесс становления, развития и формирования жанра репортажа.

На большинстве мировых телеканалов основной программой, которая готовится и транслируется в определенное время и час, освещая различные темы, являются новости. Программе «Ахбор» телеканала «Таджикистан» более 60 лет, и она выходит в определенное время - в 20:30. Программа «Навид» с момента основания телеканала «Сафина» выходит в эфир в 20:00. Другие телеканалы также придерживаются этого стандарта.

С учетом имеющихся возможностей таджикские телеканалы предоставляют зрителю информацию и новостные события, но все-же есть недостатки в направлении стандартов видеоряда, их разнообразия, способа подготовки новостей и соответствия требованиям жанров как фактор привлекательности программы.

Журналистам важно соблюдать жанровые требования и использовать их показатели, что, к сожалению, в нынешних условиях не рассматривается достаточно глубоко и подробно.

Исследование одного отдельного жанра на телевидении и выявление на его основе проблем и достижений журналистов приведет к расширению работы этого сектора в будущем с использованием рекомендаций. Репортаж считается самым популярным жанром в системе информационных программ телеканалов, но его углубленное исследование отдельно не проводилось.

Исследование показало, что журналисты допускают много ошибок при подготовке телерепортажей, и это закладывает основу для подготовки некачественных информационных выпусков. В выборе темы, методов и способов подачи репортажа, последовательности записи и порядка подачи событий и мероприятий, регламентации и своевременности подачи репортажей, использовании разных жанров и т. д. от журналистов требуется творческое новаторство, большая эффективность и высокий профессионализм.

В диссертации предпринята попытка показать качественное и количественное применение репортажного жанра в редакциях новостей двух телеканалов – «Джахоннамо» и «Душанбе» на конкретных примерах, а также внести предложения и рекомендации по исправлению имеющихся недостатков.

Предметом внимания исследования стали также успехи и особый профессионализм журналистов при подготовке информационных программ на этих двух телеканалах. Эти и другие факторы также указывают на актуальность темы исследования.

**Степень изученности.** Тема исследования является относительно новой в таджикской журналистике. Хотя диссертационного исследования о месте репортажа в информационных программах не проводилось, в различных работах и учебных пособиях уточнялась и обозначалась природа жанра.

В диссертационной работе использовано большое количество научной и учебной литературы, а также нормативно-правовых документов в области тележурналистики.

Существующую литературу можно разделить на 5 групп: первая – нормативно-правовые документы в области телерадиовещания Таджикистана; вторая – отраслевая литература; третья – научно-исследовательские работы ученых в области телевидения; четвертая – литература, относящаяся к периодической печати и жанрам тележурналистики, и пятая – дополнительные вспомогательные источники.

Одним из важных средств по теме исследования является книга Асадулло Саъдуллоева и Махмудхона Шоева. В книге «Основы тележурналистики» в двух частях (2005, 2010) авторы рассмотрели задачи, обязанности и ответственность тележурналиста и указали три группы жанров, используемых в условиях телеканалов. В книге представлена информация о практическом аспекте тележурналистики, основах создания сценария, мастерство речи в кадре и за кадром. По мнению авторов, «движение, изменение места и положения

объекта и персонажа характерна для телевидения, и эта особенность более всего заметна в жанре репортажа»[1].

В книге профессора Иброхима Усмонова «Жанры публицистики» (2009 г.) наряду с объяснением сущности, задач и назначения жанров, показаны общие черты и различия жанров на конкретных фактах. Автор придерживается мнения, что «в новостных телевизионных программах большая часть материалов преподносятся в форме этого жанра»[2].

